МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ
«ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ
АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ»

ТДУ - 1(091) (575.3)
ТКБ – 87.3 (5 Тоҷ)
Ҳ 17

Бо ҳуқуқи дастнавис

ҲАЙИТБОЕВА МУҚАДДАС АҲМАДҶОНОВНА

МАЗМУН ВА МУҲТАВОИ МАФҲУМҲО ВА МАҚУЛАҲОИ ЗЕБОИШИНОСӢ ДАР ОСОРИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ

АВТОРЕФЕРАТИ

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми фалсафа аз рӯйи ихтисоси 6.3.2 – Таърихи фалсафа (илмҳои фалсафӣ)

Душанбе – 2026

Диссертатсия дар кафедраи умумидонишгоҳии фарҳангшиносии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б.Ғафуров» омода шудааст.

Роҳбари илмӣ: **Амирхон Шоҳҳусайн Талбонӣ** – доктори илмҳои фалсафа, дотсент, мудири кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии Донишгоҳи милли Тоҷикистон

Муқарризони расмӣ: **Диноршоева Зарина Мусоевна** – доктори илмҳои фалсафа, сарходими илмии шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ;
Салимов Аслиддин Иномҷонович – номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи байналмиллалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода

Муассисаи пешбар: Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ

Ҳимояи диссертатсия рӯзи «24» декабри соли 2026, соати 14^{00} дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-092 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17) баргузор мегардад.

Бо диссертатсия ва автореферати он дар китобхонаи илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17) ва сомонаи расмии (www.tnu.tj) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «___» _____ соли 2026 фиристода шуд.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ, номзади илмҳои фалсафа **Ҳаитов Ф.Қ.**

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Раванди пуртаззоди ҷаҳонишавӣ имрӯз тамоми ҷаҳонро фаро гирифта, ҳар лаҳза дигаргуниҳоеро рӯйи кор меорад, ки на танҳо хусусияти сиёсиву иқтисодӣ доранд, инчунин ба фарҳангу маънавиёт низ таъсири худро расонида, арзишмандтарин дастоварҳои суннатии фарҳангҳои миллиро осеб мерасонанд. Ҳамагон шоҳид ҳастем, ки фарҳангҳои миллӣ аз ҳар ҷониб мавриди ҳадаф қарор гирифта, яке бо истифода аз таассубу хурофоти динӣ ва дигаре бо шиори «озодии мутлақ ва ҳамқадами замон будан» ба тафаккур ва ҷаҳонбинии насли муосир таъсир расонида, мавқеъ ва нуфузи худро устувортар мегардонанд. Таассуби динӣ ва хурофотпарастӣ агар ба бегонашавии фарҳангӣ ва мутеи ҳар гуна андешаву ақидаи беасос боис гардад, муносибатҳои ғайрианъанавӣ, ба мисли никоҳи ҳамҷинсӣ, тағйир додани ҷинс, истифодаи амалҳои гуногун бо ҷисми хеш ва монанди инҳо ба бегонашавии инсон аз асли хеш сабаб мегардад.

Воқеан, фазои фарҳангии замони муосирро на танҳо мушкилоти ахлоқӣ, инчунин мушкилоти эстетикиву инсонгароӣ низ фаро гирифтааст, ки ҳар лаҳза, метавонад фарҳангҳои суннатӣ ва арзишҳои эстетикиву маънавии дар тӯли асрҳо шаклгирифтаро рахна намуда, шуури насли муосирро мутеи худ гардонад. Дар ин раванд, таълимоти арзишманди мутафаккирони фарҳанги гузашта, аз ҷумла Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ метавонад арзишманд ва муфид бошад. Дар мавриди муҳиммияти таҳқиқ ва омӯзишу баррасии осори Абдурахмони Ҷомӣ ва дигар мутафаккирони асримиёнагӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста таъкид намуда, аҳли таҳқиқро ба он даъват менамоянд, ки таълимоти фарзандони фарзонаи миллатро, ки то кунун арзишашрон нигоҳ доштаанд, боз ҳам ҷиддитар омӯзанд ва дастраси насли наврас гардонанд.

Ҷанбаи дигари муҳиммияти таълимоти Абдураҳмони Ҷомӣ дар он аст, ки ӯ ҳамчун бузургтарин мутафаккири аср ва ҷамъбасткунандаи афкору андешаҳои пешгузаштагони худ шинохта мешавад. Манзур он аст, ки мутафаккир на ҳамчун шоир, балки муҳаққиқ, олим ва орифи соҳибандеша шинохта мешавад. Доманаи эҷодиёти ӯ масъалаҳои мухталифи фалсафию ахлоқӣ, зебоишиносию ҷомеашиносӣ ва адабию ҳунариро фаро мегирад.

Бо дарназардошти андешаҳои баёнгардида муҳиммияти таҳқиқи таълимоти эстетикии Абдураҳмони Ҷомиро метавон тариқи чанд банди зерин исбот кард:

1. Дар марҳилаи ниҳоят ҳассоси замони муосир, ки арзишҳои маънавию инсонсоз мавриди таҳоҷум қарор мегиранд, таҳқиқ, таҳлил, арзишгузорӣ ва пешкаши насли муосир намудани арзишҳои олитарини фарҳангӣ, алалхусус эстетикӣ, ки аз ҷониби мутафаккирони соҳибандешаи фарҳанги гузашта, ба мисли Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ эҷод гардидаанд, мубрамияти тоза касб менамояд. Насли муосир, ки зери таъсири шабакаҳои иҷтимоӣ, бозиҳои гуногуни компютерӣ ва воситаҳои дигари аудиовизуалӣ қарор доранд, таваҷҷуҳи камтар ба сарчашмаҳои илмӣ ва андешаҳои мутафаккирон менамоянд, ки ин омил ба косташавии маънавиёт боис мегардад;

2. Масъалаи зебоишиносӣ ва тафаккури эстетикӣ дар раванди мафкурасозии инсон иштироки фаъол ва нақши калидиро бозида метавонад ва ҳамчун василаи худшиносии инсон мебошад. Таҷриба нишон медиҳад, ки костагии шуури эстетикӣ сабабгори коҳиш ёфтани мавқеи ҷамъиятии инсон гардида, ҳам ба ахлоқ ва ҳам ба устувории ақидаи шахс таъсири манфӣ мерасонад.

3. Таълимоти Абдураҳмони Ҷомӣ хусусияти инсонгароӣ дошта, на танҳо ҳамчун арзиши фарҳангии гузашта, балки барои замони муосир низ мубрам мебошад. Андешаҳои эстетикии мутафаккир аз таълимоти антропологии ӯ сарчашма гирифта, ҳам зебоии зоҳир ва ҳам ботини инсонро пайгирӣ менамоянд. Комилан дуруст аст, ки

дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон бо таъсирпазирӣ аз раванди ҷаҳонишавӣ ва падидаҳои дигари навпайдо майли бегонашавии фарҳангӣ ва халалпазир гардидани ахлоқ ба назар мерасад ва роҳи ягонаи пешгирӣ аз густариши босуръати раванди мазкур тақвияти маънавиёт ва таҳкими шуури эстетикию ахлоқӣ маҳсуб меёбад. Дар ин росто таълимоти эстетикии Абдураҳмони Ҷомӣ метавонад ба таври васеъ истифода карда шавад;

4. Нокифоягии донишҳои дунявию маърифати динӣ, шуури эстетикию тафаккури ратсионалӣ боиси он гардидааст, ки гурӯҳҳои иртиҷоию ифротӣ тавассути воситаҳои муосири иттилоотию иртиботӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ ҳадафҳои худро пиёда намуда, ҳарчи бештар пайравон ва алоқамандони худро пайдо намоянд. Ҳамин аст, ки дар асри пешрафти илму техника ва технология ҳанӯз пойбастагӣ ба андешаҳои хурофотию бебунёд дар ҷомеа эҳсос мегардад. Аз ҳамин лиҳоз таваҷҷуҳ ба мероси маънавии мутафаккирони гузаштаи миллат, таҳлилу баррасӣ ва муайян намудани ҷанбаҳои мусбат ва арзишманди таълимоти онҳо яке аз воситаҳои тақвияти ҷаҳонбинӣ ва бедории насли муосир мебошад. Таълимоти эстетикии Абдураҳмони Ҷомӣ хусусияти ратсионалӣ дошта, аз таассубу хурофот орӣ мебошад.

5. Дар Тоҷикистони муосир масъалаи таҳкими худшиносӣ ва худоогоҳии миллӣ мавриди таваҷҷуҳи пайвастаи Ҳукумат ва аҳли илму андеша қарор дорад. Мақсади асосӣ аз он иборат аст, ки насли муосири миллат аз ҳар гуна вобастагиҳои динию мазҳабӣ ва бегонапарастию бегонашавӣ пешгирӣ ва ба ин васила ояндаи босуботи давлату миллат таъмин гардад. Таълимоти Абдураҳмони Ҷомӣ оид ба зебоишиносӣ дар самти таҳкими пояҳои худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ дорои арзиши назариявӣ ва амалӣ буда, барои тақвияти эҳсоси худшиносии миллӣ аз манфиат холӣ нест.

Бо назардошти андешаҳои зикргардида омӯзиши масъалаҳои зебоишиносӣ-ахлоқии Абдураҳмони Ҷомиро метавон дорои аҳамияти муҳимми назариявию амалӣ донист.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ аз зумраи он мутафаккироне маҳсуб мегардад, ки дар асри худ назир надошта, ба муҳимтарин масоили инсоншиносиву табиатшиносӣ ва иҷтимоиву адабӣ дахл намуда, осори ӯ ҳанӯз дар ҳамон даврон мавриди таваҷҷуҳи аҳли илму андеша қарор гирифта буд. Нахустин муҳаққиқоне, ки ба осори мутафаккир назари таҳқиқоти равона карда буданд, шогирдони ӯ, аз қабили Навоӣ, Ҳотифӣ, Биноӣ, Суҳайлӣ, Кошифӣ ва дигарон буданд. Аз миёни донишмандони зикршуда Мир Алишери Навоӣ осори Ҷомиро ба таври васеъ мавриди омӯзишу баррасӣ қарор дода, онро ба таври зайл баҳогузорӣ менамояд: «Мавлоно Ҷомӣ дар фанни адабу шеър мусаллами кул буд» [11, с.62]. Дар баробари Навоӣ ва шогирдону пайравон, тазкиранависон низ доир ба мақому ҷойгоҳ, манзалату шахсият ва осори Абдураҳмони Ҷомӣ маълумот дода, ӯро ҳамчун фарзонаи давр ва соҳиби андешаи созанда муаррифӣ кардаанд. Ба ин гурӯҳ, Соммиризо, Фахруззамонӣ, Бохарзӣ [2; 134; 95] ва дигарон шомил мегарданд, ки доир ба Ҷомӣ маълумоти таърихию тарҷумаиҳолии арзишманд дода, дар шинохти андеша ва ҷаҳонбинии мутафаккир саҳми арзишманд гузоштаанд.

Ҳамин тариқ, таҳқиқ ва таҳлилу арзишгузории осори Абдураҳмони Ҷомӣ то замони муосир идома ёфта, мавриди таваҷҷуҳи донишмандони илмҳои фалсафӣ – ахлоқ, зебоишиносӣ, инсоншиносӣ, инчунин адабиёту фарҳанг ва ҷомеашиносӣ қарор гирифтааст. Бо дарназардошти ҳамин хусусият, зарур мешуморем, то таҳқиқотҳои анҷомшударо доир ба афкору осори мутафаккир мушаххасан ба ду гурӯҳ ҷудо намоем:

1. Ба гурӯҳи аввал муҳаққиқоне ворид мешаванд, ки дар доираи таҳқиқотҳои анҷомдодаи хеш доир ба таърихи фалсафа ва

таҳлили осору афкори мутафаккирони дигар ба таълимот ва осори Абдураҳмони Ҷомӣ низ дахл намуда, онро баҳогузорӣ кардаанд. Ба ин қисмати зиёди муҳаққиқони муосири таърихи фалсафаи тоҷикро шомил намудан мумкин аст, ки намоёнтаринашон Баҳовaддинов А.М., Диноршоев М.Д., Муҳаммадхоҷаев А., Олимов К., Ҳазратқулов М., Қодиров К.Б., Комилов Р.С., Зиёев И.Ғ., Брагинский И.С., Броун Э., Бертельс Е.Э., Корбен А., Крымский А.Е., Николсон Р., Дюрант В., Зарринкуб А., Нафисӣ С., Нуъмонӣ Ш., Пурҷаводӣ Н., Забеҳулло С.; Меҳрин А.Ш., Шарифов Х., Ғафуров Б., Орифӣ М., Зоҳидов В., Рустамов Е.Р. [18; 23; 24; 14; 15; 16; 17; 19; 29] ва дигарон мебошанд.

2. Муҳаққиқоне, ки бевосита таълимоти мутафаккирро таҳқиқ намуда, корҳои илмӣ таҳия ва мавқеи осори ӯро дар ташаккули ҷаҳонбинӣ, ахлоқи ҳамида, ҳисси зебоипарастӣ, эҷод, навоварӣ, бартараф намудани таассубу хурофот муайян ва баҳогузорӣ кардаанд. Ба ин гурӯҳ, пеш аз ҳама муҳаққиқони ватанӣ - Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон [36;37], Рачабов М. [26; 27; 28], Афсаҳзод А. [8;9;10;11;12], Р. Ҳодизода, А. Сатторов [31], Қурбонмамадов А. [20;21], Низомӣ М. [25], Ҷураев М.Б. [35] ва дигарон дохил мешаванд.

Масалан, Эмомалӣ Раҳмон дар китоби «Чеҳраҳои мондагор» доир ба арзиши осори мутафаккир менависад, ки «Мо имони комил дорем, ки фарҳанги ғании гузаштаамон ва осору афкори олии инсондӯстонаи бузургоне монанди Абдураҳмони Ҷомӣ бароямон дар ин равандҳои ҳассосу пуртазод пуштибон ва мададгор мегарданд» [37, с.314]. Дар нисбати муҳаққиқони дигар Рачабов М., Қурбонмадов А., Афсаҳзод А. Ба таълимоти эстетикии Ҷомӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намуда, онро дорои арзиши баланди назариявию амалӣ арзёбӣ кардаанд. Алалхусус, Қурбонмамадов А. таҳқиқоти монографии худ «Эстетикаи Абдураҳмони Ҷомӣ» менависад: «Таълимоти этетикии Ҷомӣ танҳо бо забони образҳо баён кардани андешаҳои пеш вуҷуддошта набуда, балки дидгоҳи

ҷадид ба масоили мавҷудаи иҷтимоии замон ва сохтани образҳои нав мебошад» [20, с.5].

Ба ин гуруҳ, инчунин муҳаққиқони хориҷӣ, аз ҷумла муҳаққиқони эронӣ - Алиасғари Ҳ., Аббос Меҳрин Шуштарӣ [1], Забеҳуллоҳи Сафо ва чанд тани дигарро низ ном бурд, ки андешаҳои ахлоқӣ-эстетикии Ҷомиро ба риштаи таҳқиқ кашида, ба таври ҷудогона баъзе масоили зебоишиносиро матраҳ кардаанд.

Таҳқиқоти анҷомдодаи мо дар самти омузиши таълимоти зебоишиносии Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ, алалхусус таҳлили маҷмуии мафҳум ва мақулаҳои зебоишиносӣ, системаи мафҳумҳои бунёдӣ иқдоми нахустин дар фалсафаи ватанӣ буда, аз таҳқиқотҳои анҷомшуда тафовути куллӣ дорад. Ҳамзамон, таҳқиқоти ҳозир бо дарназардошти вазъи муосири ҷаҳон ва таъсири раванди ҷаҳонишавӣ ба ахлоқ, маънавиёт ва фарҳанги миллӣ анҷом дода шудааст.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи мавзуи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи умумидонишгоҳии фарҳангшиносии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров» зери унвони «Коркарди масъалаҳои методологии фалсафаи маданияти миллии тоҷик аз даврaҳои қадим то замони муосир» (барои солҳои 2021-2025) иҷро гардидааст.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ бо самтҳои афзалиятноки рушди илмҳои фалсафӣ, Стратегияҳои давлатӣ ва барномаҳои миёнамуҳлату дарозмуҳлати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мавзуи таҳқиқотии кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоӣ робитаи зич дошта, дар доираи татбиқи вазифаҳои стратегии давлатдорӣ амалӣ гардидааст. Таҳқиқоти мазкур ба амалисозии “Стратегияи милли рушди Чумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” пешбинишуда мувофиқат менамояд.

Ҳамзамон, таҳқиқоти диссертатсионӣ бо Паёмҳои солонаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқамандии мустақим дорад. Дар паёмҳо масъалаи боло бурдани ҳиси зебоипарастӣ, эҳё ва ҳифзи арзишҳои фарҳанги миллӣ, тақвияти худшиносиву худогоҳии миллӣ ва муқовимат ба падидаҳои номатлуби замони муосир ҳамчун вазифаҳои муҳимми давлатдории миллӣ таъкид мегардад.

Таҳқиқоти анҷомшуда бо “Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027” ҳамоҳанг мебошад. Дар доираи ин барнома ташаккули завқи эстетикии насли муосир тавассути омӯзиши осори ниёгон ва таҳкими ҳувияти ватанпарастии онҳо баррасӣ мешавад. Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур ҷиҳати такмили унсурҳои он метавонанд истифода шаванд.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар ин қисмат мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мушаххас гардида, объект ва предмети таҳқиқ дар ҳамоҳангӣ бо мавзуи диссертатсия муайян шудааст. Ҳамзамон, дар ин бахш марҳила, макон ва даврaҳои таҳқиқот, ки ба он диссертант таваҷҷуҳи бевосита кардааст, нишон дода мешавад. Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот, заминаҳои эмпирикӣ, пойгоҳи таҳқиқот, навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишороти довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ вобаста ба мавзуъ ва ҳаҷми диссертатсия дар ҳамин қисмати кор оварда шудааст.

Мақсади таҳқиқот. Ҳадафи асосӣ ва муҳимтарини таҳқиқоти мазкур равшан сохтани мазмун ва муҳтавои мафҳум ва мақулаҳои асосии зебоишиносӣ дар осори

Абдураҳомни Ҷомӣ ва аҳамияти он барои ҷомеаи муосир мебошад.

Вазифаҳои таҳқиқот. Барои расидан ба мақсади гузошташуда иҷрои вазифаҳои зерин муҳим шуморида мешаванд:

- мушаххас намудани вазъи иҷтимоӣ ва фарҳангии замони Абдураҳмони Ҷомӣ;
- муайян кардани асосҳои фалсафии андешаҳои мутафаккир оид ба зебоишиносӣ;
- ошкор кардани асосҳои ҷаҳонбинии Абдураҳмони Ҷомӣ;
- коркарди системаи мафҳумҳои зебоишиносӣ дар осори Абдураҳмони ҷомӣ;
- муайян ва таҳлил намудани мафҳумҳои бунёдии зебоишиносӣ дар осори Абдураҳмони Ҷомӣ;
- равшан сохтани мазмуни мафҳуми «ҳунар» ва асоси эстетикии он дар осори мутафаккир;
- ошкор кардани мазмун ва моҳияти мақулаҳои консептуалии зебоишиносӣ дар таълимоти Абдураҳмони Ҷомӣ;
- муайян кардани таносуби маънавии мақулаҳои «зебоӣ» ва «зиштӣ» дар таълимоти Ҷомӣ;
- равшан сохтани мазмуну мундариҷаи мақулаҳои «шукуҳ» (олӣ) ва «разилӣ»(сифлӣ) дар осори мутафаккир;
- кушодани моҳият, мазмун ва муҳтавои мақулаҳои «фоҷиа» ва «мазҳака» аз дидгоҳи мутафаккир;
- нишон додани аҳамияти назариявӣ ва ҷанбаҳои амалии таълимоти зебоишиносии Ҷомӣ барои замони муосир.

Объекти таҳқиқот. Объекти таҳқиқоти диссертатсионӣро таълимот ва осори Абдураҳмони Ҷомӣ ташкил менамояд.

Мавзуи (предмети) таҳқиқот мазмун ва муҳтавои мафҳум ва мақулаҳои асосии зебоишиносӣ дар осори Абдураҳмони Ҷомӣ мебошаад.

Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот. Таҳқиқот ибтидо аз соли 2021 дар заминаи кафедраи умумидонишгоҳии фарҳангшиносии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров оғ гардида, соли 2026 ба анҷом расонида шудааст. Доираи таърихии таҳқиқот масоили марбут ба зебоишиносиро ҳам дар фалсафаи даврони бостон, ҳам асрҳои миёна ва ҳам замони муосирро дарбар мегирад. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки марҳилаҳои рушди донишҳои эстетикиро аз лиҳози фалсафӣ таҳлил, муқоиса ва арзишгузорӣ намояд.

Асосҳои назарияви таҳқиқот. Аз лиҳози назариявӣ таҳқиқот, пеш аз ҳама, дар асоси осори Абдураҳмони Ҷомӣ таҳия гардидааст. Илова бар ин, асарҳои мутафаккирони Юнони қадим, асримиёнагии тоҷику форс, таҳқиқотҳои муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ дар соҳаи таърихи фалсафа, зебоишиносӣ, ҷомеашиносӣ, ки ба таҳлили масоили эстетикӣ бахшида шудаанд, ҳамчун асоси назариявии таҳқиқот ба ҳисоб мераванд. Аз ин лиҳоз, муаллиф ҳангоми таҳияи рисола ба таълимоти фалсафию эстетикии бостонӣ, асримиёнагӣ, замони Эҳё, давраи Нав ва таҳқиқотҳои анҷомшуда доир ба таълимоти фалсафӣ, адабӣ, эстетикию ахлоқӣ ва иҷтимоии Абдураҳмони Ҷомӣ такя намудааст.

Асосҳои методологии таҳқиқот. Асоси методологии таҳқиқотро фаҳмиши ратсионалии фалсафаи зебоишиносӣ, таҳлили муқоисавӣ ва истифода аз усулҳои геременевтикӣ ва умумимантиқӣ ташкил медиҳад. Дар ҷараёни таҳқиқ аз усулҳои умумиилмӣ ва умумимантиқӣ, аз қабили таҳлил, таркиб, семантикӣ, ҷамъбастнамоӣ, инчунин, усулҳои тавсифӣ, аксиологӣ, муқоисавӣ истифода шудаанд.

Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот. Заминаҳои эмпирикии таҳқиқотро далелҳо ва натиҷаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотии анҷомшуда дар соҳаи таърихи фалсафа ва зебоишиносӣ ташкил менамоянд. Ҳамзамон, аз ҷониби диссертант, маводҳои зиёди илмӣ, ки дар қисмати руйхати адабиёти истифодашуда ҷойгир шудаанд, хизмат менамоянд. Илова

бар ин, заминаи эмпирикии таҳқиқотро далелҳои илман асоснок, натиҷаҳои бадастоварда, хулосаҳо ва тавсияҳои амалии диссертант, инчунин мақолаҳои илмии нашрнамудаи муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра менамоянд.

Пойгоҳи таҳқиқот. Диссертатсия дар заминаи кафедраи умумидонишгоҳии фарҳангшиносии МДТ «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» бо ҷалби мавод аз сарчашмаҳои фалсафаи бостонӣ, асримиёнагӣ, осори Ҷомӣ, таҳқиқоти муҳаққиқони кишварҳои шарқию ғарбӣ ва маслиҳату машваратҳои илмӣ ва маводи пешниҳоднамудаи ҳайати устодону омӯзгорони кафедраи мазкур анҷом дода шудааст.

Навгонии илмии таҳқиқот. Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст дар таърихи фалсафаи ватанӣ мафҳум ва мақулаҳои асосии зебоишиносӣ дар шакли комплексӣ ва системавӣ дар осори Абдураҳмони Ҷомӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта:

- асосҳои ҷаҳонбинӣ ва фалсафии Абдураҳмони Ҷомӣ оид ба зебоишиносӣ муайян карда шуд;
- системаи мафҳумҳои зебоишиносӣ дар осори мутафаккир мушаххас гардид;
- мазмун ва муҳтавои мафҳуми «ҳунар» ва асоси эстетикии он дар таълимоти мутафаккир ошкор карда шуд;
- мазмун ва муҳтавои мақулаҳои консептуалии зебоишиносӣ дар эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ коркард ва муайян гардид;
- арзишмандии андешаҳои эстетикии Абдураҳмони Ҷомӣ барои тарбияи насли муосир дар шинохти зебоии асили инсон ва мақсаду маънии зиндагӣ ошкор карда шудааст.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.

1. Низоми ҷаҳонбинӣ, равиши андеша ва махсусиятҳои фалсафии Абдураҳмони Ҷомиро дар асоси осори ба меросгузоштааш муайян кардан мумкин аст. Осори мутафаккир гуногунҷабҳа буда, дар худ ҷанбаҳои адабӣ-

бадеӣ, иҷтимоӣ, фалсафӣ, зебоишиносӣ, ахлоқӣ, ҳуқуқӣ, илоҳиётшиносиву ирфониро таҷассум намудаанд. Муҳтавои осори мутафаккир бар он далолат менамоянд, ки низоми андеша ва ҷаҳоншиносию ҷаҳонбинии Ҷомӣ хусусияти ақлгароӣ дорад. Бо вуҷуди ҷой доштани тамоюлҳои каломӣ, ирфонӣ ва ишроқӣ мутафаккир масоили эстетикиро аксаран бо диди ратсионалӣ баррасӣ менамояд, ки барои ҷомеаи муосир муҳим мебошанд.

Собит карда мешавад, ки мутафаккир зимни баррасии масъалаҳои каломӣ ба мутакаллимон ва орифони пешгузаштаи худ истинод намуда, ҳамзамон бо онҳо баҳс меорояд, ки гувоҳ аз тафаккури илмӣ ва қобилияти муқоисавию таҳлилии ӯянд. Аз дидгоҳи принсипи машшоӣ ба осори мутафаккир назар афканем, хусусияти ақлгароӣ дар таҳлили масъалаҳои мухталифи фалсафию ҷаҳоншиносӣ ва эстетикӣ мушоҳида мегардад. Мутафаккир масъалаҳои мавриди баҳси хешро кӯшиш менамояд ки тавассути ақлу мантиқ баррасӣ ва ҳаққонияти онҳоро исбот намояд. Ӯ аз усули мушоҳида, муқоиса ва хулосабарории мантиқӣ васеъ истифода намуда, мақсади худро ба таври возеҳ баён менамояд. Ба таври мушаххас асосҳои фалсафию ҷаҳонбинии Абдураҳмони Ҷомиро доир ба зебоишиносӣ метавон як навъ синтези таълимотҳои фалсафию ҷаҳоншиносии гузашта, аз ҷумла фалсафаи тоисломии тоҷику форс - тоҷалли нур, ки дар оини маздоия, меҳрпарастӣ ва зардуштия (Аҳуро) баён гардидааст, бо фалсафаи Юнон (Суқрот, Афлотун) ва ҳикмати ишроқия буда, дорои системаи муайян мебошад. Чунин ба назар мерасад, ки Ҷомӣ тавассути тасвири «нур», консепсияи мукаммали пайдоиши ҳастиро аз шакли бешаклӣ (метафизика) ба шакли мушаххас тасвир карда бошад. Ҷомӣ таълимоти каломиён, машшоиён, ирфон ва ишроқи асримиёнагиро бо ҳам созиш дода, асосҳои фалсафию ҷаҳоншиносии худро дар «ҳадди васат»-и онҳо ба низом даровардааст. Тавре мушоҳида кардем, Ҷомӣ ҳам машраби каломӣ, ҳам ирфонӣ ва ҳам ишроқӣ дорад, вале аз таҳлили

ақлгароёна, ки хоси ҳикмати машшоӣ аст, сарфи назар намекунад.

2. Ҷиҳати муайян намудани муҳтавои ҳар як илм мушаххас намудани мафҳумҳои бунёдии он муҳим мебошад. Мафҳумҳои бунёдии зебоишиносӣ, ки Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ онҳоро ҳам аз дидгоҳи аксиологӣ ва ҳам аз нигоҳи ҳастишиносиву маърифатшиносӣ баррасӣ намудааст, дар илми эстетикаи муосир ба таври васеъ истифода мешаванд. Маълум мегардад, ки мутафаккир, ҳанӯз, пеш аз пайдоиши эстетика ба ҳайси илми мустақил, ба мафҳумҳои муҳимтарини он, аз қабили эҳсосоти эстетикӣ, қобилияти эҷодӣ, эмпатия (образофаринӣ, ҳамдардӣ, ҳамдилӣ, гузаштан ба образи дигар), тахайюли эҷодӣ (фантазия) таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, онҳоро сарчашмаи мақулаҳои эстетикӣ мешуморад. Ҳамзамон, мафҳуми «ҳунар»-ро аз лиҳози эстетикӣ матраҳ намуда, онро инъикоси қобилиятҳои ҷавҳарии инсон дар амалия медонад. Исбот карда мешавад, ки назари Абдураҳмони Ҷомӣ доир ба мафҳумҳои бунёдии эстетикӣ арзиши назариявӣ ва амалӣ дошта, барои замони муосир низ аз аҳамият холӣ намебошанд. Алалхусус, назари мутафаккир доир ба мазмун ва моҳияти «ҳунар» ва ҳидояти насли инсонӣ ҷониби тақвияти ҳунармандӣ арзиши махсус дошта, дар самти бегонашавии ҷавонон ва гаравидан ба ҳар гуна ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ, ки озодии инсонро маҳкум менамоянд, саривақтӣ мебошад.

3. Абдураҳмони Ҷомӣ дар осори худ мазмун ва муҳтавои мақулаҳои «зебоӣ», «зиштӣ», «шукуҳмандӣ», «разилӣ», «фоҷиа» ва «мазҳака»-ро хеле олӣ тасвир намуда, муҳиммияти онҳоро дар раванди ташаккули шахсият ва ҷаҳонбинию камолоти маънавии инсон собит менамояд. Таълимоти Ҷомӣ доир ба дарки мазмуну моҳияти «зебоӣ» ва «зиштӣ» бо хусусияти ақлгароӣ ва дар ҳамбастагӣ бо таълимоти фалсафӣ, аз ҷумла онтологию гоносеологӣ эҷод гардидааст. Тибқи ин таълимот ҳисси зебоипарастӣ инсонро

ба шинохти ҳастӣ, дарки моҳияти ашё ва ҳодисоти олами модӣ, инчунин ошкор намудани асрори ҳастии инсон водор месозад. Афкори эстетикии Ҷомиро доир ба «зебоӣ» метавон аз ду тариқ мавриди баррасӣ қарор дод: 1. Дарки «зебоӣ» дар ашё ё чизи оддӣ, яъне шакли зоҳирии ашёи кайҳони моддӣ; 2. Образи мукаммал ва ифодакунандаи моҳияти ашёву ҳодисот, инчунин, воситаи муҳимтарини водоркунандаи инсон ба офариниш. Мақулаи «зебоӣ»-ро Ҷомӣ бо методи инкишофу рушди қонуни зебоӣ, мавҷуд будани хусусияти зебоӣ дар худи ашёву ҳодисаҳои олами моддӣ, бо дарназардошти таносуб ва робитаи «субъективият» ва «объективият» таҳлил намудааст.

Муайян намудани таносуб ва фарқияти мақулаҳои зикршуда аз мақулаҳои «зебоӣ» ва «зиштӣ» осори Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ имконият медиҳад, ки ҳолатҳои эмотсионалии шахс ҳангоми бархӯрд ба чунин вазъият танзим карда шаванд. Аз ҷумла, ҳолати бездории лаҳзагии нерӯҳои ҳаётӣ ва фаъолшавии босуръати изтиробнокӣ, ки дар асоси мушоҳидаи шукуҳмандӣ ва ё разилӣ ба вуҷуд меоянд, метавонанд таъсири манфӣ дар шуур ва психикаи инсон ворид намоянд. Ҳамзамон, таъсири мақулаҳои «шукуҳ» ва «разилӣ»-ро дар масоили ахлоқӣ, алалхусус тарбияи инсон муҳим арзёбӣ намудан мумкин аст. Умуман, дарки моҳияти мақулаҳои эстетикии зикршуда дар раванди камолоти маънавии инсон «сохмони шахсият» аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ доранд. Мақулаҳои «шукуҳ» ва «разилӣ» агар бо мақулаҳои «зебоӣ» ва «зиштӣ» алоқамандии зич дошта бошанд ҳам, вале зимни муайян намудани моҳияти мақулаҳои «фоҷиа» ва «мазҳака» низ истифода мегарданд.

4. Арзиши андешаҳои Абдураҳмони Ҷомӣ дар замони муосир муҳиммияти тоза касб менамояд. Пешвои миллат ба мавриди қайд менамоянд, ки «Мо набояд фаромӯш кунем, ки имрӯз дар марҳилаи ҷаҳонишавии равандҳои сиёсиву иқтисодӣ ва илмиву фарҳангӣ қарор дорем. Агар кишварҳо, бахусус, кишварҳои ҳамзабон ва ҳамфарҳанг дар фаъолияти худ ҳамоҳангӣ надошта бошанд, ҳифзи арзишҳои миллӣ

барояшон душвор хоҳад шуд. Мо имони комил дорем, ки фарҳанги ғании гузаштаамон ва осору афкори олии инсондӯстонаи бузургоне монанди Абдураҳмони Ҷомӣ бароямон дар ин равандҳои ҳассосу пуртазод пуштибон ва мададгор мегарданд [37, с.314]. Дар раванди таҳкими пояҳои давлатдории миллӣ ва рушди худшиносию худогоҳии насли муосир андешаҳои арзишманди Ҷомӣ доир ба дарки мазмун ва моҳияти ҳунар, зебоиписандӣ, иҷтиноб аз разолату зиштӣ, муайян ва бозгӯии нуқсонҳои ҷомеа тавассути зарофату мутоиба, моҳияти ҳаёт муҳиммияти тоза касб менамоянд.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот. Диссертатсия, метавонад ҳамчун сарчашмаи муҳими назариявӣ зимни бурдани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар самти таърихи фалсафа, зебоишиносӣ, этика ва фалсафаи иҷтимоӣ истифода шавад ва умуман дар такомул ва рушди таърихи фалсафаи тоҷик саҳм гузорад. Хулоса ва ғояҳои назариявии пешниҳодшуда дар диссертатсия барои шинохти зебоии ҳақиқӣ ва аслии инсон, мазмун ва мақсади зиндагии инсон барои ҷомеаи муосир арзиши муайяни фарҳангӣ доранд. Аҳамияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки арзишҳои фарҳанги миллии ниёгон, хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия барои коркарди барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ аз фанни зебоишиносӣ, ахлоқ ҳамчун маводи зарурӣ хизмат карда метавонанд. Гузашта аз ин, аз натиҷаҳои кори диссертатсионӣ метавон дар барномаҳои тарбиявии радиоӣ ва телевизионӣ, дар корҳои тарғиботию ташвиқотӣ доир ба зебоипарастӣ, танзими ҳаёти шахсӣ ва ҷамъиятӣ, нигоҳдошти ҳувияти миллӣ, худшиносӣ ва хештаншиносӣ истифода намуд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия аз дақиқияти маълумот, кифоя будани ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот, гузаронидани таҳқиқи эътимодноки диссертатсионӣ иборат мебошад. Хулоса ва пешниҳодҳо дар асоси таҳлили илмии

натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавию амалӣ манзур карда шудаанд.

Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуи диссертатсионии «Мазмун ва муҳтавои мафҳум ва мақулаҳои зебоишиносӣ дар осори Абдураҳмони Ҷомӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа ба шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз руйи ихтисоси 6.3.2 - «Таърихи фалсафа» (илмҳои фалсафӣ) мутобиқат менамояд.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Мавзуи рисолаи илмӣ аз ҷониби муаллиф мустақилона интихоб, дараҷаи омӯзиши он муайян ва таҳқиқталабу муҳим будани он мушаххас карда шудааст. Унвонҷӯ сарчашмаҳои зиёди илмӣ, осори мутафаккири мавриди таҳқиқ ва маводи таҳқиқотиро дар ин самт таҳлил ва коркард намуда, диссертасияро дар шакли системавӣ таҳия намудааст. Саҳми шахсии муаллиф, инчунин дар таҳия ва ба чоп расонидани мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҷаллаҳои дигар, пешниҳоди хулосаҳои асосноки илмӣ, ки муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд, мушоҳида мегардад.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Баъзе аз қисматҳои алоҳидаи диссертатсия дар конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои муҳими рушди фалсафа дар Тоҷикистони муосир, конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Ташаккули худшиносии миллии ҷавонон-яке аз роҳҳои муқовимат бар зидди идеологияи экстремистӣ, конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии «Пешвои миллат ва таҳаввули фалсафаи миллӣ дар замони Истиклол» ва семинарҳои илмӣ-назариявии кафедра дар шакли маъруза ва гузоришҳо пешниҳод гардидаанд. Диссертатсия дар маҷлиси кафедраи умумидонишгоҳии фарҳангшиносии «Донишгоҳи давлатии

Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров» муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст (протоколи №10 аз 26 июни соли 2026).

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Коммисияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нашрияҳои дигари илмӣ ба табъ расидаанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, се боб, ки дарбаргирандаи ҳафт зербоб аст, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 177 саҳифаи матни компютериро ташкил медиҳад.

ҚИСМАТИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар **муқаддима** мубрамии мавзуи таҳқиқот асосонок шуда, дараҷаи омӯзиши он, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмети диссертатсия, асосҳои назариявӣ ва методологии он, навгонии таҳқиқот, нуктаҳое, ки барои дифо пешниҳод мегарданд, нишон дода шудааст ва аҳамияти назариявӣ ва амалии он шарҳ дода шуда, дар бораи тасвиби кори таҳқиқотӣ ва сохтори он маълумот пешниҳод гардидааст.

Боби якум **«Вазъи иҷтимоию фарҳангии замони Абдураҳмони Ҷомӣ ва асосҳои ҷаҳонбинӣ ва фалсафии ӯ оид ба зебоишиносӣ»** номгузорӣ гардида, дар зербоби якуми он – **«Вазъи иҷтимоию фарҳангии замони Абдураҳмони Ҷомӣ»** қайд мегардад, ки муҳити иҷтимоию фарҳангӣ дар шаклгирии андеша, такомули ҷаҳонбинӣ ва рушди шахсияти мутафаккир саҳми назаррас дошта, яке аз омилҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Дар ҳама марҳилаҳои ташаккули ҷомеа таъсири муҳити иҷтимоӣ-фарҳангиро бараъло мушоҳида намудан мумкин аст. Бо дарназардошти ҳамин муҳиммият, таҳлили муҳити иҷтимоӣ-фарҳангии замони Абдураҳмони Ҷомӣ аз аҳаммият холӣ набуда, он метавонад ҷиҳати муайян намудани равиши андеша, омилҳои таъсиркунанда ва

ҷаҳонбинии мутафаккир мусоидат намояд. Бо итминон гуфтан мумкин аст, ки замони зиндагонӣ ва фаъолияти эҷодии Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ аз лиҳози фарҳангию иҷтимоӣ хусусияти гуногунрангӣ дошт. Тибқи маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ замони ҳукуматдории бархе аз амирони темурӣ вазъияти иҷтимои мардум он қадар хуб набуд. Зулму истибдоди ҳукуматдорон нисбати мардум афзоиш меёфт ва гузашта аз ин «авлоди охирини Темур дар байни ин ҳама кушокушиҳо ва дар зери хуну оташ, агар ягон соат фурсати фароғат ёбанд, он фурсатро ба айшу нӯш ва ахлоқвайронӣ сарф мекарданд. Онҳо на танҳо дар боғҳо ва қасрҳо айшу нӯш мекарданд, балки дар пеши чашми аҳолии мазлум дар кӯчаву бозор ҳам аз маст шуда гаштан ибо наменамуданд» [129, с.269]. Аз ин бармеояд, ки вазъи иҷтимоии мардуми Мовароуннаҳр ва Хуросон дар давраи ҳукмронии бархе аз амирони темурӣ он қадар хуб набудааст, вале бо вуҷуди ин мардум таҳаммулпазириро ихтиёр карда, сабру қаноатро афзалтар мешумориданд, зеро аз кашмакашиҳо ва ҷангу ҷидоли ҷоҳталабонаи онҳо дилгир шуда буданд. Инҷо саволе ба миён меояд, ки вақте ки ҷомеа ба гирдоби ҷабру зулм гирифтор мегардад, пас дар бораи кадом маънавиёт метавон сухан гуфт? Табиист, ки дар чунин шароит илму маърифат, санъату адабиёт ва соҳаҳои дигари ҳаёти маънавии ҷомеа наметавонанд ташаккул ёбанд, дар чунин шароит имконияти рушди хурофот, ғоратгарӣ, бенизомӣ, бадахлоқӣ, манфиатҷӯӣ ва дигар хислатҳои разила бештар мегардад.

Новобаста аз ҷабру зулми аксарияти амирони темурӣ, якчанд нафари онҳо то андозае ба илму дониш ва аҳли андеша арҷгузорӣ ва шароити мусоид низ фароҳам меоварданд. Аз ҷумла, Бартолд В. В. дар асари машҳури худ «Улуғбек ва замони ӯ" вазъи иҷтимоӣ ва фарҳангии Самарқанд ва Ҳиротро муқоиса намуда, менависад, ки «Улуғбек дар Самарқанд ҳукмронӣ мекард ва дар ин ҷо вақт бештар ба илму маърифат ва омӯзиши илмҳои дунявӣ сарф мегардид,

вале дар Ҳирот бошад, таҳти таъсири Шоҳрух тақводории намоишкорона ҳукмфармо буд ва асосан ба таҳқиқоти илоҳиётшиносӣ ҳавасманд буданд» [13, с.41].

Маврид ба зикр аст, ки ҳудуди асри XV дар сарзамини Хуросон, новобаста аз ҳама гуна таъсиррасониҳо ва муқобилиятҳои ғоявию мафкуравӣ муҳити фарҳангии тоҷикӣ-форсӣ пойдор боқӣ монда буд, ки аз қудрат ва шаҳомати ин тамаддун дарак медиҳад. Забони илм ва коргузорӣ забони тоҷикӣ буда, тавассути он амирони темурӣ ниёзҳои ҳудро бароварда месохтанд. Вазъи забону адабро, ки ифодакунадаи муҳити фарҳангӣ ҳастанд, дар аҳди Темуриён таҳлил намуда, муҳаққиқон ба хулосае омадаанд, ки «Забони тоҷикӣ дар тамоми давраи ҳукмронии Темуриён забони расмӣ ва дарбории онҳо буда, тамоми коргузорӣ, дафтардорӣ, муросилот, идора ба ин забон сурат мегирифт» [36, с.65].

Муҳити фарҳангии замони Абдураҳмони Ҷомиро аз нигоҳи мафкуравӣ на он қадар муътадил баҳогузорӣ намудан мумкин аст. Чунин ба назар мерасад, ки дар ин давра бо истифода аз ҷаҳонбинии динӣ кӯшиши ҳақшумории якдигар ва роҳу тариқати худ роҳандозӣ мегардид. Вале, ҷиҳати авҷ нагирифтани таассуби динӣ донишмандони давр, бо андешаҳои асоснок ва боэтимоди хеш алангаи ҳар гуна бархӯрди мафкуравӣ ва ақидавиро хомӯш ва онҳоро ба муҳаббату самимият ва эҳтироми ҳамдигар даъват мекарданд. Масалан, Абдураҳмони Ҷомӣ таъкид менамояд, ки:

Эй муғбачаи даҳр бидеҳ ҷоми маям,
К-омад зи низои суннию шиа қаям.
Гӯянд, ки Ҷомиё чӣ мазҳаб дорӣ,
Сад шукр, ки харсуннию сагшиа наям. [34, с.63]

Ҳамин тариқ, таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ ва осори таҳқиқотӣ, ки ба таҳлили вазъи иҷтимоӣ-фарҳангии асрҳои XV-XVI ва фаъолияти эҷодии Абдураҳмони Ҷомӣ бахшида шудаанд, нишон медиҳанд, ки ин давра ҳанӯз барои баёни

андешаи озод, рушди бемайлони илмҳои дунявӣ, саъату ҳунармандӣ ба таври комил созгор нест. Озодии андеша на танҳо маҳдуд карда мешуд, балки озодандешон мавриди таъқиби аҳли хурофот қарор мегирифтанд. Муборизаҳои пай дар пайи ҳокимони темурӣ, ҷоҳталабӣ ва ҷабру зулми гурӯҳе аз онҳо ҳар лаҳза метавонист арзишҳои фарҳангиро зери по ва муҳити иҷтимоиро носолим гардонад. Новобаста аз ҳама гуна таъсирот «Мавлоно Ҷомӣ моҳиятан шахсияти маорифпарвар буда, мақсади ягона ва аслии ӯ аз эҷоди асарҳои адабӣ ва илмии сершумораш мардумро бо нури маърифат аз ҷаҳлу ҷаҳолат раҳонидан ва ба сӯйи зиндагии орому осуда ва рӯзгори хуш роҳнамоӣ кардан аст» [36, с.79].

Хулоса, муҳити фарҳангию иҷтимоӣ ва сиёсии асрҳои миёна, алалхусус замони зиндагии Абдураҳмони Ҷомиро фазои мусоиди рушди афкори андешаҳои фалсафӣ маънидод намудан номумкин аст. Зеро, ҳануз ҳам дин ва ҷаҳонбинии динӣ мавқеи устувор дошта, озодии андеша таъмин набуд. Вале, ба чунин вазъият нигоҳ накарда, дар ҳамин гуна муҳит ташкил кардани низоми муътадили афкору ақоид ва таълимоти хусусияти ақлгароӣ ва воқеънигаридошта қаҳрамонии махсус мебошад. Абдураҳмони Ҷомӣ аз он мутафаккиронест, ки дар чунин муҳит тавонист низоми ҷаҳонбинии муайянро тадвин ва таълимоти арзишмандеро ба мерос гузорад.

Дар зербоби дуюм **«Асосҳои ҷаҳонбинӣ ва фалсафии Абдураҳмони Ҷомӣ оид ба зебоишиносӣ»** мавриди таҳлил қарор дода мешавад. Дар ин зербоб зикр мегардад, ки муайян намудани асосҳои ҷаҳонбинӣ ва фалсафии мутафаккирони таърихи фалсафаи асримиёнагӣ, аз ҷумла Абдураҳмони Ҷомӣ имкон фароҳам меорад, ки то кадом андоза дар доираи системаи муайян фаъолияти эҷодӣ карданашон ошкор ва арзиши афкори онҳо муайян карда шавад.

Низоми фалсафӣ ва ҷаҳонбинию ҷаҳоншиносии машшоиён, ки асари онро дар таълимоти Абдураҳмони Ҷомӣ эҳсос кардан мумкин аст, хусусияти фалсафӣ-ақлгароӣ дошта,

ба шинохти ҷавҳари ҳастӣ, назарияи сабабият, воҷибулвуҷуд ва имконулвуҷуд, назарияи фаязон, таносуби моддаю сурат, моҳияти инсон, табиат ва монанди инҳо алоқаманд мебошад. Агар мутакаллимон офарида шудани олам ва маоди ҷисмониро эътироф кунанд, машшоиён аввалиро қадим ва дуюминро номумкин мешумориданд, ки тафовути ақидавӣ-ҷаҳоншиносии онҳоро муайян месозад. Аз ҷониби дигар фалсафаи калом мантиқи машшоиро барои исботи масъалаҳои динӣ истифода намуд, вале худи фалсафаро ҳамчун чизи зараровар инкор мекард.

Нубуғи андеша, равиши фикр ва низоми ҷаҳонбинии Абдураҳмони Ҷомиро дар асоси осори ба меросгузоштааш муайян кардан мумкин аст, вале ин амал то дараҷае мушкилтар мебошад. Зеро, ин осор бениҳоят гуногунҷабҳа буда, дар худ ҷанбаҳои адабӣ-бадеӣ, иҷтимоӣ, фалсафӣ, зебоишиносӣ, ахлоқӣ, ҳуқуқӣ, илоҳиётшиносиву ирфониро таҷассум намудаанд. Муҳтавои осори мутафаккир бар он далолат менамоянд, ки ӯ аз бештари таълимотҳои пешин пайравӣ ва ба онҳо бо назари эҳтиром нигариста бошад. Дар назари аввал метавон Ҷомиро мутакаллим ном бурд, зеро нахустин фаъолияти илмӣ-омӯзишии ӯ ба азбар намудани илми калом равона гардида буд. Мутафаккир нахуст аксарияти илмҳои роиҷи замон, аз қабили фиқҳу калом, мантиқ, балоғату фасоҳат ва суханвариро аз Ҷунайди Усулӣ омӯхта, маҳз бо роҳнамоии ин мутафаккир ӯ ба таҳқиқи «Мифтоҳ-ул-улум»-и Саккоӣ ва «Мутаввин»-и Тафтозонӣ машғул мешавад. Ҳамзамон, аз мутафаккирони машҳури давр - Шаҳобуддини Ҷорҷурмӣ ва Хоҷа Алии Самарқандӣ ва якчанд мутакаллими машҳури дигар дарс гирифтааст.

Аз дидгоҳи принсипи машшоӣ ба осори мутафаккир назар афканем, хусуиятҳои ақлгароӣ дар таҳлили масъалаҳои мухталифи фалсафию ҷаҳоншиносӣ мушоҳида мегардад. мутфаккир масъалаҳои мавриди баҳси хешро кӯшиш менамояд ки тавассути ақлу мантиқ баррасӣ ва ҳаққонияти онҳоро исбот намояд. Ба маънии дигар, мутафаккир усули

мушоҳида, муқоиса ва хулосабарории мантиқиро васеъ истифода намуда, мақсади худро ба таври возеҳ баён менамояд.

Новобаста аз равиши андешаҳои каломӣ ва машшоӣ, муқаққиқони афкору осори Ҷомӣ ӯро пайрави ҷараёни нақшбандияи тасаввуф муаррифӣ кардаанд. Тибқи хулосаи онҳо, системаи донишҳои фалсафии мутафаккир дорои низоми муайяни фалсафӣ-ирфонӣ буда, афкори ӯ дар ин самт, қабл аз ҳама, тобиши мукаммали гумманистӣ доранд ва ба муайян намудани ҳақиқати ҳастии инсон, ҳамоҳанг будани сират ва сурати одамӣ нигаронида шудаанд.

Асосҳои ҷаҳонбинию фалсафии Абдураҳмони Ҷомиро дар аксари масоили фалсафӣ, аз ҷумла зебоишиносӣ, асосан андешаҳои ирфонӣ ва намояндагони барҷастаи ин мактаб ташкил менамоянд. Мутафаккир дар баробари пайравӣ кардан аз Ибни Арабӣ ва эътирофи назарияи «ваҳдати вуҷуд», инчунин ба фаъолияти тавзеҳу маънидодкунии муҳтавои осори ирфонӣ машғул гардида, асарҳои Ибни Арабӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Хоҷа Муҳаммади Порсо, Хоҷа Убайдуллоҳи Аҳрор ва якчанд орифи дигарро тафсир намудааст. Ҳамин аст, ки муҳтавои осори ӯ бештар хусусияти ирфонӣ, асосан ирфони назарӣ касб намуда, аз консерватившизми динӣ ва ирфони шатҳиётию каломи ортодоксалӣ озод мебошанд.

Дар боби дуюми диссертатсия «**Системаи мафҳумҳои зебоишиносӣ дар осори Абдураҳмони Ҷомӣ**» мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, он дар доираи ду зербоб ҷамъбаст карда мешавад. Дар зербоби якум – **«Мафҳумҳои бунёдии зебоишиносӣ дар осори Абдураҳмони Ҷомӣ»** таъкид шудааст, ки аз нигоҳи фалсафӣ муайян намудани мафҳумҳои бунёдӣ, ки онҳо пояи асосии илмро ташкил менамоянд, хеле муҳим мебошад.

Дар таълимоти эстетикии Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ истифодаи истилоҳот, мафҳумҳо ва мақулаҳои эстетикӣ хеле зиёд ба назар мерасад, ки дар аксари маврид хусусияти

тасвири воқеӣ-ратсионалии табиати инсон ва муҳити иҳоданамудаи онро ифода менамоянд. Ҳамчунон ки дар боби аввали рисола қайд намудем, асосҳои ҷаҳонбинию фалсафии Ҷомиро синтези донишҳои каломию машшоӣ ва ирфонию ишроқӣ ташкил карда, хусусияти ақлгароӣ мавқеи намоёнро ишғол менамояд. Алалхусус, дар мавриди зебоишиносӣ ва ахлоқ, мутафаккир мавқеи ратсионалиро афзал шуморида, такмили ҳарду шакли шуури ҷамъиятиро ба фаъолиятҳои амалии инсон вобаста медонад. Аз ҷумла, ҷиҳати ифода намудани мафҳуми зебоӣ истилоҳоти зиёде истифода гардидаанд, ки қисмате аз онҳо дар дараҷаи мафҳум низ фаҳмида мешаванд. Барои мисол, танҳо дар яке аз фаслҳои достони «Хирадномаи Искандарӣ» - «Хирадномаи Букрот» Ҷомӣ беш аз панҷоҳ мафҳум ва ибораҳоеро истифода намудааст, ки ҳар яки онҳо ифодакунандаи мафҳуми «зебоӣ» ҳастанд: «қурси меҳр», «ҷамол», «афсонаи ишқ», «пӯшидарух чун парӣ», «бутони парирух», «сарви гулрух», «моҳи мушкинниқоб», «офтоб», «ҷони пок», «хуршедрӯй», «маҳ андар маҳоқ», «дилором», «суманбар», «нигор», «гирдаи моҳ», «ҳур», «кохи зангорӣ», «содарӯёни зебо», «мушк», «дурру гуҳар», «зари дахдаҳӣ», «сарвбун», «акси кавокиб дар об», «чархи кабуд», «ишқ», «синаи оинасон», «оина», «садаф», «гавҳар» [33, с.172] ва ғ.

Истилоҳоти «суманбар», «парирух», «хуршедрух», «парипайкар», «симинбадан», «дилором», «ҳур», «нигор», «сарвбун» ва монанди инҳо хусусияти рамзию ташбеҳӣ дошта, хоси шуури эстетикӣ ва эҷоди бадеию шоирона буда, аз лиҳози семантикӣ-мантиқӣ ҳамчун мафҳумҳои асосию бунёдӣ дониста намешаванд. Чунин ифодаҳо баёнгари ҳолати эҳсосоти инсон ҳастанд, ки аз мафҳумҳои бунёдии «ҳис», «эҳсосот», «идроки ҳиссӣ», «қобилият», «эҷод», «эмпатия», «тахайюлотӣ эҷодӣ» (фантазия) сарчашма гирифта, моҳияти шуури эстетикиро дар шакли тамсилу ташбеҳ ифода менамоянд. Мазмуну моҳияти шуури эстетикӣ дар дараҷаи дарки мазмуну моҳияти фалсафии «зебоӣ», «зиштӣ»,

«шукуҳӣ» (шаҳомат), «мазҳака» ва «фоҷеа» дастгоҳи мақулавии таълимоти эстетикӣ буда, дар боби ояндаи рисола мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Айни замон, манзури мо аз баёни ифодаҳои «ҳис», «эҳсосот», «идроки ҳиссӣ», «қобилият», «эҷод», «эмпатия», «тахайюлт эҷодӣ» (фантазия), «зебоӣ», «зиштӣ», «шукуҳӣ» (шаҳомат), «мазҳака» ва «фоҷеа» таҳлили онҳо дар дараҷаи мафҳумҳои бунёдии таълимоти этетикии Абдураҳмони Ҷомӣ буда, муайян кардани ҳолати равонӣ-эстетикии инсон мебошад.

Ёдовар шудан ба маврид аст, ки мафҳумҳои бунёдии эстетика алоқамандии ногусастанӣ бо мафҳумҳои психологии «эмотсия», «ҳиссиёт», «қобилият», «равандҳои эмотсионалӣ-иродавӣ» дошта, ҳолати равонии инсон метавонад муносибати ӯро бо олами атроф, муҳити иҷтимоӣ ва худи ӯ муайян намояд. Аз дидгоҳи илми зебоишиносӣ низ ҳолати инсон ифодакунандаи дараҷаи шуури эстетикӣ ва ахлоқии ӯст. Маҳз ҳолати равонӣ метавонад, қобилиятҳои дар ҳолати қувва қарордоштаи инсонро ба феъл биоранд ва фаъолнокии ӯро таъмин намоянд. Ба ин маънӣ, шуури эстетикии инсон ба табиати равонии ӯ алоқамандии ногусастанӣ дошта, механизми водоркунандаи фаъолияти эҷодӣ ва офаринандагӣ маҳсуб меёбад.

Мафҳумҳои бунёдии зебоишиносӣ дар таълимоти Ҷомӣ бар он нигаронида шудаанд, ки инсон дар зиндагӣ на «тамошобини бехаёли саҳнаи театр», балки бинандаи ҳушманде бояд бошад, ки ҳар лаҳзаи «намоиш»-ро аз нигоҳи танқидӣ таҳлил ва моҳияти онро дарк намояд. Ҳисси зебоипарастӣ, ки мафҳуми марказии илми эстетка ба шумор меравад, имконият фароҳам меоварад, ки инсон онро ба ҳайси ченаки муносибатҳои худ қарор дода, нуқсу қубҳи падидаву ҳодисаҳои муҳити табию иҷтимоӣ ва ахлоқро муайян ва онҳоро бартараф намояд.

Мафҳуми дигаре, ки мутахассисони соҳаи эстетика онро ба қатори мафҳумҳои бунёдии зебоишиносӣ марбут дониста, мавқеи онро дар системаи мафҳумҳои ин илм муҳим арзёбӣ менамоянд, «эмпатия» мебошад. Зебоишиносон бар

он назаранд, ки ҳисси эмпатия (қобилияти дарк кардани ҳолати эҳсосии инсони дигар, фаҳмидани ҷаҳони ботинии ӯ ва ҳамдардӣ кардан бо ӯ) ба ҳунарманд, эҷодкор, нависанда, шоир ё мутафаккир имконият медиҳад, ки мақсади худро зуддтар ба хонанда ва ё шунаванда расонанд ва ба ҳамин васила тавонанд, ки ба ҳадафи гузоштаи хеш ноил гарданд. Мафҳуми мазкурро Ҷомӣ дар симои Маҷнун ба таври хеле олӣ тасвир намудааст. Мутафаккир, образи мазкурро на ба мақсади ҷалби зиёди таваҷҷуҳ тавассути эҷоди фантастикӣ, балки ба раванди маърифатии эҳсоси ҳамдардию ҳамдилӣ мусоидат кардан, интихоб ва мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Маҳз ҳамин тарзи нигориш ва масъалагузорӣ боис гардид, ки ба эҷодиёти Ҷомӣ таваҷҷуҳ дучанд гардида, то имрӯз раванди омӯзиши таълимоти мутафаккир муҳим шуморида мешавад.

Мафҳуми дигаре, ки комилан хусусияти эстетикӣ дошта, дар адабиёти зебоишиносӣ ба он диққати зарурӣ дода мешавад, **«тахаюли эҷодӣ»** (фантазия) мебошад. Мавлоно Ҷомӣ дар пайравӣ аз Арасту фантазия ё тахайюли эҷодиро ҳамчун пайвандгари миёни ишқи маҷозӣ ва ҳақиқӣ муаррифӣ намуда, дар осори худ хеле зиёд онро тавсиф намудааст. Аз ҷумла достони "Юсуф ва Зулайхо", мутафаккир ин тахайюлотро ҳамчун воситае тасвир мекунад, ки ошиқро аз зоҳир ба ботин мебарад. Зулайхо дар аввал Юсуфро дар хоб (олами хаёл) мебинад ва ин хаёл воситаи барқарор намудани робитаи рӯҳии онҳо мегардад:

Шабе чун рӯз гардида зи маҳтоб,
Зулайхоро гирифт оромиш аз хоб.
Ба хоб андар ҷамоле ёфт ногаҳ,
Ки шуд аз тоби он хуршед бегаҳ [33, с.24].

Хулоса, мафҳумҳои бунёдии зебоишиносӣ, ки Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ онҳоро ҳам аз дидгоҳи аксиологӣ ва ҳам аз нигоҳи ҳастишиносиву маърифатшиносӣ баррасӣ намудааст, дар илми эстетикаи муосир ба таври васеъ истифода мешаванд.

Дар зербоби дуюми боби дуюм – **«Мазмуни мафҳуми «ҳунар» ва асоси эстетикии он дар осори мутафаккир» қайд мегардад, ки** дар системаи мафҳумҳои зебоишиносии Абдураҳмони Ҷомӣ мафҳуми «ҳунар» ҷойгоҳи махсус дошта, ҷавҳари таълимоти эстетикии мутафаккирро ифода менамояд. Ба андешаи мутафаккир, ҳунар, хоси танҳо насли инсонӣ буда, моҳияти офаринандагии онро ифода менамояд. Вобаста ба ҳамин хусусият, мутафаккир масъалаи ҳунарро на танҳо ҳамчун маҳорат ё масъалаи фаъолияти амалӣ-техникӣ, балки ҳамчун масъалаи фалсафии ҳамоҳанг бо истеъдод, шахсияти эҷодкор ва фаъолияти амалӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳад, ки ҳамоҳанг бо таълимотҳои муосири эстетикӣ дар бораи ҳунар мебошад. Ҷомӣ мазмун ва моҳияти мафҳуми «ҳунар»-ро ҳолати аз қувва ба феъл омадани ганҷе, ки дар замри инсон ниҳон аст, медонад. Манзури мутафаккир, мавҷудияти истеъдод ё ганҷи дарунӣ (Ба имкон дарун аз ҳунар ганҷ дошт) ҷавҳарест, ки қудрат ва тавоноии инсонро дар марҳилаи амалӣ гардидан муайян намуда, шахсиятро ошкор ва ба фаъолияти амалӣ-эҷодӣ ҳидоят менамояд. Аммо, ин ганҷи ниҳон тавассути омӯзиши илму маърифат, дарки моҳияти табиат ва инсон, ки онро Ҷомӣ «ба ҳикмат чароғи дил афрӯхтан» ва «раҳи ҳалли ҳар мушкил омӯхтан» медонад, ошкор мегардад.

Ҳамин тариқ, Мавлоно Ҷомӣ мазмун ва моҳияти мафҳуми «ҳунар»-ро ҳамчун падидаи бисёрҷабҳа мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Аз ҷумла, «ҳунар» ҳамчун воситаи зуҳури ҳақиқат ва дарёфти моҳияту мазмуни ҳастӣ, амалияи илм, «ҷон дамидан дар сурат» (яъне, ҳунари воқеӣ бояд ҳам эҳсосот ва ҳам руҳ дошта бошад), фасоҳат ва балоғат (ҳунари суханварӣ), муъҷазбаёнӣ, навоварӣ, фурувват ва ҷавонмардӣ, ислоҳи ҷомеа ва камолоти ахлоқию маънавӣ аз ҷониби мутафаккир шинохта шудааст. Ӯ, дар осори худ «Баҳористон», «Ҳафт авранг», «Нафаҳот-ул-унс», «Лавоеҳ», «Рисолаи мусиқӣ», «Рисолаи аруз» ва ҳатто девони ашъораш ба шарҳи мазмуну моҳияти «ҳунар» дахл намуда, онро аз

дидгоҳи фалсафӣ, ахлоқӣ, адабӣ ва эстетикӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳад.

Дар асоси таҳлилу баррасии осори Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ба хулосае расидан мумкин аст, ки мафҳуми «ҳунар» дар таълимоти ӯ на танҳо хусусияти эстетикӣ, инчунин моҳияти онтологию гносеологӣ ва антропологию ахлоқӣ низ дорад. Чунин тарзи баррасии масъала имконият медиҳад, ки инсон ба қудрати андеша ва қобилияти эҷодию офаридгории худ эътимод пайдо намуда, ба худшиносию худогоҳӣ рӯй биорад ва аз пойбастагии адешаҳои бебунёд раҳоӣ ёбад. Мутафаккир, таъкид менамояд, ки:

Ҳар писар к-ӯ аз падар лофад на аз фазлу ҳунар,
Филмасал, гар дидаро мардум бувад, номардум аст.
Шохи бебар арчи бошад аз дарахти мевадор,
Чун наорад мева бор, андар шумори ҳезум аст [3, с.4].

Хулоса, таълимоти Абдураҳмони Ҷомӣ ва мутафаккирони дигари соҳибмактаб ва соҳибандешаи миллати тоҷик имконият медиҳанд, ки насли муосир дар руҳия ҳунармандию созандагӣ тарбият ва ба ҳамин васила таҳкими пояҳои давлатдории Тоҷикистони навин мустаҳкам карда шаванд. Бо дарки ҳамин муҳиммият аз ҷониби давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, алалхусус Президенти муҳтарами кишвар Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати эҳё намудани ҳунар ва ҳунармандӣ чандин иқдом рӯйи даст гирифта шуд. Аз ҷумла, Соли 2018 ҳамчун «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ», солҳои 2019-2021 ҳамчун «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон шуданд, ки дар самти ҷалби ҷомеа ба ҳунармандӣ саҳми созгор гузоштанд. Натиҷагирӣ аз солҳои зикршуда маълум намуд, ки шуури эстетикии ин миллат дар заминаи мероси гаронарзиши ҳунарӣ ташаккул ёфта, имрӯз низ метавонад бо ҳунари эҷодии хеш фазои фарҳангии замони муосирро боз ҳам рангинтар намояд. Ҳунар, муъҷизаест, ки ҳунарманд тавассути он метавонад, зебоиро инъикос, зиштиро накд, шаҳомату

разолатро ошкор намуда, дар тарбияи маънавии инсон мавқеи марказиро ишғол намояд.

Боби сеюми диссертасия «Мазмун ва муҳтавои мақулаҳои консептуалии зебоишиносӣ дар эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ» аз се зербоб таркиб ёфтааст. **Дар зербоби якуми он – «Мазмун ва муҳтавои мақулаҳои «зебоӣ» ва «зиштӣ»** муаллиф таъкид мекунад, ки аксари мутафаккирони гузашта масоили зебоишиносӣ, аз ҷумла масъалаи «зебоӣ» ва «зиштӣ»-ро ҳам дар дорираи таълимоти ахлоқӣ ва ҳам фалсафию ҷаҳоншиносӣ мавриди баррасӣ қарор дода, асарҳои зиёди илмӣ, рамзию тамсилӣ ва утопиявӣ эҷод кардаанд, ки дар онҳо на танҳо тавсифи шоиронаи «зебоӣ», инчунин масоили онтологию гносеологӣ ва ахлоқию эстетикиро матраҳ намудаанд. Аз зумраи чунин мутафаккирони соҳибандеша Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ мебошад, ки ба масъалаи «зебоӣ» ва «зиштӣ» дар таълимоти таваҷҷуҳи хоса кардааст. Масъалаи мазкурро мутафаккир, ҳамчун муҳимтарин масъалаи шинохти моҳияти ҳастии инсон мавриди баррасӣ қарор дода, дар доираи консепсияи «инсони комил» онро матраҳ менамояд, ки дорои арзиши баланди назариявию амалӣ буда, баҳри тарбияи маънавии насли муосир метавонад ба таври васеъ истифода шавад.

Дар таълимоти эстетикии Ҷомӣ ҳисси зебоипарастӣ инсонро ба шинохти ҳастӣ, дарки моҳияти ашё ва ҳодисоти олами модӣ, инчунин ошкор намудани асрори ҳастии инсон водор месозад. Мутафаккир дар таълимоти худ ба мафҳуми «зебоӣ» таваҷҷуҳи махсус намуда, онро на танҳо ҳамчун мафҳуми эстетикӣ, инчунин дар дараҷаи мақула (категория) низ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор медиҳад. Дар дараҷаи мафҳум, ки он як андоза аз мақула маҳдудтар аст, зебоӣ бо ифодаҳои гуногун ва ташбеҳоти маҷозӣ баён мегардад.

Таълимоти эстетикаи Ҷомӣ дар баёни зебогии олами моддӣ асосан моҳияти аксиологӣ (арзишӣ) пайдо мекунад. Тибқи назари мутафаккир, маҳз зебоии олами атроф

сарчашмаи эҳсосоти инсон ва шинохти масоили фалсафии зебоӣ мегардад:

Чун шавад тоза олам аз Наврӯз,
Сабзаву гул шавад ҷаҳонафрӯз [34, с.129].

Муҳити атроф барои Ҷомӣ на танҳо манбаи тамомнашавандаи илҳоми шоирона, инчунин воситаи муҳимтарини ҳидояткунандаи инсон ҷониби дарки моҳияти ҳастӣ ва машғул гардидан ба эҷод мебошад. Мутафаккир тавонист олами моддиро бо тамоми гуногунрангии эстетикиаш арзёбӣ кунад ва тавассути воситаҳои тасвири бадеӣ тамоми нозукиҳои зуҳуроти эстетикии онро таҷассум намояд.

Масъалаи баррасии мафҳуми «зебоӣ» ба ҳайси образи мукаммал ва ифодакунандаи моҳияти ашёву ҳодисот, инчунин, воситаи муҳимтарини водоркунандаи инсон ба офариниш дар таълимоти Абдураҳмони Ҷомӣ алакай аз дараҷаи мафҳум болотар ва ба ҳайси мақула (категория) баррасӣ карда мешавад. Дар доираи масъалаи мазкур муносибати мутафаккир аз усули аксиологӣ ба метологияи онтологию гносеологии андешаи зебоӣ табдил меёбад. Яъне, Ҷомӣ зимни баррасии масъалаи зебоӣ кӯшиш менамояд, ки инсонро ба дарки моҳият ва мазмуни падидаву ҳодисоти олами моддӣ ва сарчашмаи ҳастӣ ҳидоят намояд. Ба назари мутафаккир, танҳо инсон аст, ки тавассути мушоҳидаи ашё мазмун ва моҳияти онро дарк намуда, онро арзишгузорӣ ва ба манфиати худ истифода карда метавонад.

Ҷомӣ таносуби мазмун ва моҳияти мақулаҳои «зебоӣ» ва «зиштӣ»-ро тавассути муносибати сират ва сурати инсон мавриди омузиш қарор додааст. Масалан, дар достони «Хирадномаи Искандарӣ», дар фасли «Муоразаи ҳаким ва лаиме, ки сурати ин чун сирати он ороста буд ва сурати он чун сирати ин нопироста» ба таври муфассал онро матраҳ менамояд.

Таносуби зебогии зоҳирӣ ва ботиниро мутафккир таҳлил намуда, таъкид мекунад, ки:

Эй хирад дода ҷамоли абадат,
Номи неку зи азал номзадат.
Ҳаст неку бади олам ҳама пӯст,
Он чи мағз аст дар ӯ, номи накуст.
Чашм аз ин пӯст сӯйи мағз кушой,
Мағз нағз аст, сӯйи мағз гаронӣ [32, с. 268].

Ҳамин тариқ, таълимоти Мавлоно Абдураҳмони Ҷомиро доир ба шинохти мазмун ва моҳияти мақулаҳои «зебоӣ» ва «зиштӣ» таҳлилу баррасӣ намуда, ба хулосе омадан мумкин аст, ки мутафаккир онҳоро ба таври муфассал, бо дарназардошти хусусияти объективимарказӣ (Достоевский) ва субъетивимарказӣ (Ҷон Дюи) таҳлил кардааст. Мутафаккир бар он назар аст, ки зебогии олами моддӣ ва сурати зоҳирии инсон хусусияти мустақилият надоранд ва дар алоҳидагӣ наметавонанд ифодакунандаи «зебоӣ» ва ё «зиштӣ» бошанд. Агар сурат зебо, вале сират «зишт» бошад, он зебогӣ зери пардаи берангӣ мемонад. «Рангу бӯйи мева аз ширинии тамъи ӯ гувоҳӣ медиҳанд» ва ё «таъна бар ман мазан ба сурати зишт...» гуфтани Ҷомӣ гувоҳ аз хусусияти маҷмӯӣ (ҳам объективӣ ва ҳам субъективӣ) доштани таълимоти ӯ доир ба мазмун ва моҳияти мақулаҳои «зебоӣ» ва «зиштӣ» мебошанд. Чунин тази фаҳмиши мафҳумҳои мазкур барои ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ, ки дар доираи фарҳанги суннатӣ амал менамояд, ногузир мебошад. Ҳамоҳангии эстетикии зебогии ботинӣ (сират) ва зебогии зоҳирӣ (сурат) ба раванди такомули ахлоқию маънавии шахс боис гардида, сатҳи зоҳирпарастӣ коҳиш ва худшиносию худогоҳӣ баланд мегардад. Ба андешаи Ҷомӣ:

Сурату маънит ба ҳам рост дор,
Тот шавад аҳли сафо хостор [4, с.102].

Дар зербоби дуюми боби сеюум – «Мақулаҳои «шукуҳ» (олӣ) ва «разилӣ»(сифлӣ)» таҳлилу баррасӣ гардида, таъкид шудааст, ки Абдураҳмони Ҷомӣ мақулаҳои (категория) «шукуҳ» ва «разилӣ»-ро аз якчанд дидгоҳ мавриди баррасӣ қарор дода, вобаста ба самт мазмуну моҳияти онҳоро матраҳ ва арзишгузорӣ менамояд. Таҳлили осори мутафаккир нишон медиҳад, ки мақулаҳои

эстетикии зикршуда аз дидгоҳи риторикӣ, психологӣ, ирфонӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоӣ-сиёсӣ шарҳу тафсир гардидаанд. Абдураҳмони Ҷомӣ мафҳуми «шукуҳ»-ро бо истилоҳоти ҳашамат, ҳайбат, ҷалол, тавоноӣ, қудрат ва бузургманишӣ ифода карда, ҳамчун омезиши ҳайбат ва зебоӣ, ки эҳсосоти хоссаеро дар инсон бедор ва ӯро ба дараҷаи камолот, яъне дараҷаи баланди нерумандию тавоноии андеша мерасонад, муаррифӣ кардааст. Ба маънии дигар, мазмуну моҳияти «шукуҳ»-ро мутафаккир болотар аз зебоӣ гузошта, зебоиро «ҷамол» ва шукуҳро «ҷалол» дониста, таъсири онро ба инсон ва ҷомеа муҳим мешуморад.

Таҳлили таълимоти Ҷомӣ нишон медиҳад, ки мутаффаккир дар замони худ ба ҳамон ду намуди мақулаи «шукуҳмандӣ», ки Кант онҳоро математикӣ ва динамикӣ номидааст, таваҷҷуҳ ва масъаларо дар доираи онҳо матраҳ кардааст

Дар таълимоти Мавлоно Ҷомӣ чунин ба назар мерасад, ки миёни мақулаи «шукуҳмандӣ» мақулаҳои «номус», «покӣ», «некандешӣ» ва масъалаҳои дигаре, ки дар онҳо бузургии маънавию ахлоқии инсон зоҳир мешавад, алоқамандии ногусастанӣ вуҷуд дорад. Дар ин робита натиҷа гирифтан мумкин аст, ки шукуҳмандӣ ифодакунанда маънои бузургӣ, олиҳиммативӣ, камолот ва сифатест, ки бояд инсон пайваста ҷониби он талош намояд. Дар робита ба ин ва ҳамзамон ҷиҳати муайян намудани арзишу мақоми шукуҳмандӣ дарки моҳияти разилӣ (сифлагӣ) низ муҳим мебошад. Разилӣ (сифлагӣ) сифатест, ки аз рӯи табиаташ пастфитрат буда, дар шуур ва зеришуури инсон ба таври мантиқӣ бо мафҳумҳои беахлоқӣ, разилат, нафратоварӣ ва шармандагӣ пайваст мешавад. Абдураҳмони Ҷомӣ масъалаи мазкурро дар аксари осори хеш мавриди баррасӣ қарор дода, разилро бо мафҳумҳои «сифла», «дунон», «лаъим» ифода намуда, дар як порчаи шеърӣ моҳияти онро чунин тасвир менамояд:

Аз сифла нили макрамат умед доштан,
Киштӣ ба мавҷи луҷҷаи ҳирмон фикандан аст.
Пеши адӯ забун шудан аз майлу молу ҷоҳ,
Худро ба вартаи хатари ҷон фикандан аст [4, с.79].

Хулоса, моҳияти мақулаҳои «шукуҳӣ» (шукуҳмандӣ, шаҳомат) ва «разилӣ» на танҳо ифодакунандаи дараҷаи болотари зебоӣ ва зиштӣ, инчунин хусусияти фалсафӣ, ахлоқӣ, психологӣ ва риторикӣ дошта, дар мавриди такомули маърифат ва ҷаҳонбинию ҷаҳоншиносии инсон саҳми арзанда гузошта метавонанд. Муайян

намудани таносуб ва фарқияти мақулаҳои зикршуда аз мақулаҳои «зебоӣ» ва «зиштӣ» осори Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ имконият медиҳад, ки ҳолатҳои эмотсионалии шахс ҳангоми бархӯрд ба чунин вазъият танзим карда шаванд.

Дар зербоби сеюми боби сеюм – «Таносуби мақулаҳои «фоҷиа» ва «мазҳака» зикр гардидааст, ки дар зебоишиносӣ ва санъату ҳунари асримиёнагии тоҷику форс мазмуни фоҷиавӣ дар худ эътирози стихиявӣ бар зидди воқеияти феодалӣ, қаҳрамонсозии қувваи рӯҳонии инсон ва меъёрҳои олии ахлоқии умумибашариро таҷассум мекунад. Дар тасвири чунин шакли фоҷиа Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ дасти қавӣ дошта, симоҳои интихобнамуда ва ҳолатҳои фоҷиавӣ хусусияти прагматикӣ доранд. Мутафаккир дар се достони «Ҳафт авранг» - «Юсуф ва Зулайхо», «Лайлӣ ва Маҷнун» ва «Хирадномаи Искандарӣ» зиддиятҳои фоҷиавӣ ва вазъиятҳои замони худро дар шаклҳои хос инъикос кардааст. Дар асарҳои зикршуда, мутафаккир тасвири фоҷиавии марги Лайливу Маҷнун, Юсуфу Зулайхо ва Искандарро тавре тасвир намудааст, ки он на ҳамчун марги оддӣ, балки марги пурҳикмат, таъсирбахш ва тарбиякунанда мебошанд. Ба ин маънӣ, фоҷиаҳои тасвирнамудаи мутафаккирро метавон дорои хусусияти комили ахлоқӣ, антропологӣ ва аксиологӣ арзёбӣ намуд.

Ҷомӣ тавассути тасвири эстетикии марги Искандар, ки дар шакли фоҷиаи эътидолӣ (интизор будани он) ифода ёфтааст, нотавонии инсонро дар муқобили баъзан падидаҳои дигар (аз ҷумла марг) исбот менамояд. Аммо, моҳияти таълимоти мутафаккир аз он иборат аст, ки марги табиӣ фоҷиа нест, балки он метавонад омӯзанда буда, боиси камолоти маънавии дигарон гардад. Зиндагии босаодат бо фарорасии марги табиӣ ба анҷом намерасад, балки абадзиндагии маънавии шахсро ташкил менамояд.

Натарсад зи марг он, ки таслими ӯст,
Агар талхие ҳаст, дар бими ӯст [33, с. 302].

Дар таълимоти Абдураҳмони Ҷомӣ ҳолатҳои фоҷиавӣ на танҳо бо фарорасии марги қаҳрамон, инчунин дурӣ аз маъшуқ ҳамчун мутафаккири гуманист, беадолатӣ ва пастии воқеияти ҷомеаи замони худро мадди назар гирифта, нисбат ба он эҳсоси нафрат мекард ва бад- ин васила ба он бартарии зебогии маънавӣ ва идеали олии инсондӯстонаро муқобил мегузошт, ки дар он

беҳтарин ва зеботарин хислатҳои ахлоқии одамон ҷамъбаст шуда, орзуҳо дар бораи инсони комил ва озод баён ёфтаанд.

Мавриди ба таъкид аст, ки «фоҷиа» ҳамчун мақулаи эстетикӣ дар алоқамандӣ бо «мазҳака» баррасӣ мешавад. Абдураҳмони Ҷомӣ мазҳакаро муҳимтарин олоти нақди мушкилот ва ноадолатии ҷомеа арзёбӣ намуда, усулҳои мухталифи ҳазлу мутоибаро истифода менамояд. Баъзан, мутафаккир истеҳзоро бо танқиди рӯирост (сарказм) пайваст намуда, онро ҷиҳати маҳкум намудани разилатҳои ахлоқии инсон истифода менамояд. Мисоли равшани ақидаи мазкур, ҳикоят дар бораи марди маст, ки дар миёни роҳ афтода, қай кард ва тамоми рӯяшро олуда сохт, маҳсуб мегардад.

Хулоса, мазмун ва моҳияти мақулаҳои «фоҷиа» ва «мазҳака» дар таълимоти Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ аз чанд ҷиҳати хусусияти фалсафӣ-эстетикӣ доранд:

- зимни баррасии мақулаи «фоҷиа» мутафаккир бар он мекӯшад, ки инсонро ҷиҳати танзими ҳолатҳои мухталифи равонӣ, аз ҷумла, ғамгинӣ, маъюсӣ, дилмондагӣ ва монанди инҳо омода намуда, иродаи ӯро дар чунин маврид, дорои қобилияти баланди танзимнамоӣ ва тасмимгирандагӣ арзёбӣ намояд;

- марги инсон на ҳамеша «фоҷиа», балки хусусияти ахлоқӣ-тарбиявӣ низ дошта метавонад;

- ҳолати «фоҷиавӣ» на танҳо марги инсон, инчунин ҳолатҳои дигари нобарориро низ дарбар мегирад;

- моҳияти «мазҳака», ин ҳолати таъсиррасонии равонӣ буда, ҷиҳати ба таври мусолиҳатомез муайян ва бартараф намудани нуқсону камбудиҳои иҷтимоӣ маҳсуб меёбад;

- «мазҳака» таъсир расонидан ба шуур тавассути ҳаракат ва суханони ғайриоддӣ анҷом гирифта, воситаи ба таври хушҳолона водор намудани инсон ҷиҳати дарки моҳият ва хусусияти онҳо дониста мешавад.

- андешаҳои Абдураҳмони Ҷомӣ дар мавриди дарки моҳияти мақулаҳои «фоҷиа» ва «мазҳака» дорои арзиши муайяни назариявию амалӣ буда, дар самти тарбияи насли муосир метавонанд ба таври васеъ истифода шаванд.

ХУЛОСА

I.Натиҷаҳои асосии илмии бадастомада

Зебоишиносӣ, ки муҳтавои асосии он иборат аз шинохти ҳусну қубҳи олами вуҷуд, табиат, моҳият ва ҳолати инсон,

қобилияти эҷодкорӣ, таъсиррасонӣ ва водоркунӣ ба ҳисоб меравад, дар ҳама марҳилаҳои рушди тафаккур дорои мақоми муайян ва арзишу аҳаммият мебошад. Алалхусус, дар ҷаҳони муосир, ки дар раванди муносибатҳои пурпечутоби ҷаҳонишавӣ қарор дошта, ҳар лаҳза падидаҳои нав рӯйи кор омада, арзишҳои фарҳангию ахлоқӣ ва эстетикии суннатӣ сироятпазир гардида, ба раванди худшиносии миллӣ, камолоти маънавию ахлоқӣ таъсири манфӣ мерасонанд, таҳлилу баррасӣ ва мавриди таҳқиқ қарор додани таълимотҳои эстетикӣ ногузир мебошад.

Мусаллам аст, ки маъалаҳои марбут ба зебоишиносӣ, шуури зебоипарастӣ ва нақши он дар ташаккули ҷаҳоншиносии инсон таърихи қадимӣ дошта, ҳанӯз аз фалсафаи атиқа мавриди таваҷҷуҳи аҳли андеша қарор доштанд. Мутафаккирон ба ҳар васила ба масоили зикршуда дахл намуда, муҳиммияти дарк ва ташаккули шуури эстетикиро собит кардаанд, ки аз арзишмандии масъала дарак медиҳад. Ҳамчунон, ки таҳқиқи мавзуи кори диссертатсионӣ нишон дод, аз мутафаккирони Юнони бостон сар карда, то марҳилаҳои асримиёнагӣ ва муосир дарки мазмуни мафҳум ва мақулаҳои зебоишиносиро аз ҳар ҷиҳат арзишманд ва ҳатто муҳим мешуморанд. Аксари аҳли андеша бар онанд, ки зебоиписандӣ худ фалсафа буда, ба ҳастишиносӣ ва маърифатшиносӣ пайванд мебошад. Шуури зебоишиносӣ дар заминаи хушку холӣ ба вуҷуд наомада, аз бунёди мустаҳкам ва заминаи устувори ҷаҳоншиносӣ бархурдор мебошад. Ҳамин аст, ки зимни нахустин кушишҳо дар самти таснифоти илм, донишмандон дар қатори илмҳои назарӣ ва амалӣ, ба илмҳои эҷодӣ низ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, асоси ин илмҳоро шуури эстетикӣ арзёбӣ кардаанд. Илмҳои эҷодӣ, алаххусус эстетика инсон ва муносибатҳои ӯ бо олами ҳастӣ, роҳҳои ҳамзистии ақлу хирад, кашфи қонуниятҳои табиат, қобилияти эҷодӣ ва дарки моҳияти зиндагии инсонро таҳқиқ менамояд, ки хусусияти куҳнашавандагӣ надорад.

Дар фалсафаи асримиёнагии тоҷик, новобаста аз мавқеи густурдаи ҷаҳонбинии динӣ ва хусусияти консервативӣ доштани ин шакли ҷаҳоншиносӣ, мутафаккирон аз муҳимияти зебоишиносӣ ва шуури зебоиписандӣ дар раванди дарки қонуниятҳои табиат, мазмуну моҳияти ҳаёт, мақсади зиндагӣ ва камолоти маънавӣ дифо кардаанд. Аксари намояндагони мактабу ҷараёнҳои фикрии асримиёнагӣ аз зебоишиносӣ ва мавқеи муҳими ин шакли шуури

ҷамъиятӣ дар баррасии масоили марбут ба қобилияти эҷодӣ, ҳаёт ва моҳияту маънии зиндагӣ, таъмини ҳаёти босаодат, худшиносиву худогоҳӣ, камолоти маънавӣ ва пешгирӣ аз ҳар гуна бегонашавиҳо ҷонибдорӣ ва онро тавсеа бахшидаанд.

Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ яке аз чеҳраҳои намоёни фарҳанги асримиёнагии тоҷик аст, ки дар доираи осори гаронарзиши худ ба масъалаҳои зебоишиносӣ дахли бевосита намуда, ҳам дар доираи андешаҳои ақлгароёна ва ҳам ирфонию каломӣ муҳиммияти ин шакли шуурро собит намудааст. Таҳлили таълимоти Ҷомӣ дар самти зебоишиносӣ, бахусус дарки мазмун ва моҳияти мафҳум ва мақулаҳои эстетикӣ нишон медиҳад, ки:

1. Мутафаккир, новобаста аз муҳити фарҳангӣ ва вазъи иҷтимоию сиёсии давр, тавонист, фаъолияти арзишманди эҷодӣ намуда, дар қатори масоили дигари мавҷуда ба таҳлили мафҳум ва мақулаҳои зебоишиносӣ низ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намояд. Ҳамин аст, ки қисмати аъзами осори мутафаккирро истифода аз мафҳум ва истилоҳоти эстетикӣ ташкил менамояд;

2. Дар низоми ҷаҳонбинӣ ва фалсафии Абдураҳмони Ҷомӣ мавқеи шуури эстетикӣ ҷойгоҳи хосса дошта, он ҳамчун пайвасткунандаи низоми фалсафии мутафаккир фаҳмида мешавад. Зебоишиносии мутафаккир дар асоси андешаҳои ақлгароёна тадвин гардида, он як навъ синтези андешаҳои эстетикии гузашта, дар шакли тасвири «нур» мебошад. Ҳамзамон, низоми ҷаҳонбинӣ ва фалсафии мутафаккирро дар масъалаи зебоишиносӣ ба низомдавроваранда ва муттаҳидкунандаи андешаҳои эстетикии намояндагони мактаби калом, машшоия ва ирфон низ донистан мумкин аст, ки аз ин ҷиҳат дорои арзиши баланди назариявӣ ва амалӣ мебошад;

3. Системаи мафҳумҳои зебоишиносӣ дар осори Абдураҳмони Ҷомӣ мувофиқ ба талаботи методологӣ мебошад. Мутафаккир, тавонистааст мафҳумҳои бунёдӣ ва мафҳумҳои умумиэстетикиро дар осори худ ҳам аз дидгоҳи аксиологӣ ва ҳам ҳастишиносиву маърифатшиносӣ баррасӣ намояд. Як қатор мафҳумҳое аз ҷониби мутафаккир истифода гардидаанд, ки онҳоро асоси мақулаҳои марказии зебоишиносӣ донистан мумкин аст. Аз ҷумла, ҳисси зебоишиносӣ, қобилияти эҷодӣ, ҳамдардӣ, ҳамдилӣ ва монанди инҳо аз ҷониби мутафаккир мувофиқ ба талаботи муосири илми эстетика ва ҳамрадиф бо мафҳумҳои «эмпатия», «фантазия»,

катарсис ва ғ. истифода гардидаанд, ки ҳамагӣ мафҳуми илмӣ мебошанд;

4. Назари Абдураҳмони Ҷомӣ доир ба мазмун ва моҳияти мафҳуми «ҳунар» низ дорои арзиши назариявӣ ва амалӣ мебошад. Мутафаккир, ҳунарро тавсиф намуда, онро нишонаи асосӣ ва бартарияти инсон аз дигар мавҷудот арзёбӣ менамояд. Ба истилоҳи мутафаккир, инсонро зарур аст, ки ба неруҳои моҳиятӣ ва қобилиятҳои фитрии худ диққати зарурӣ равона намуда, ҷиҳати аз ҳолати қувва ба феъл мубаддал намудани онҳо талош намояд. Танҳо дар ҳамин сурат, моҳияти ҳастии инсон ва тафовути он аз дигар мавҷудот муайян мегардад. Ба маънии мушаххас, танҳо инсон қобилияти офаринандагӣ дошта, метавонад ҷиҳати тақвияти ҷомеа ва ҳаёти маишии хеш чораандешӣ намояд. Яъне, амалигардонии қобидиятҳои эҷодии шахс аз дараҷаи ҳунармандии ӯ вобаста мебошад, ки дар ин самт андешаҳои мутафаккир дорои арзиши баланд мебошанд. Бахусус, дар самти тарбияи насли муосир ва пешгирӣ намудани онҳо аз гаравиш ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротию иртиҷоӣ, таассубу хурофот дарки моҳияти ҳунар ва ҳунармандӣ муҳим мебошад; Ҷомӣ, дар осори худ фарзанди хешро мухотаб қарор дода, инсонҳоро ба ҳунармандӣ ва бадин васила такомули шахсияти хеш даъват менамояд;

5. Мақулаҳои эстетикии «зебоӣ» ва «зиштӣ», ки натанҳо дар таълимоти мутафаккир, инчунин дар илми зебоишиносӣ мавқеи марказиро ишғол менамоянд, аз ҷониби Ҷомӣ ҳам бо равиши ақлгароӣ ва ҳам ирфонӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Хусусияти ақлгароии таълимоти мутафаккир аз он иборат аст, ки дар осори ӯ тавсифи зебоии табиат, инсон ва маҷудоти дигари кайҳони моддӣ ба назар мерасад, ки тариқи системавӣ матраҳ гардидаанд, аммо хусусияти ирфонии таълимоти мутафаккир рабт мегирад ба дарки ботинӣ ва маънавии «зебоӣ», ки намоди он «инсони комил» аст. Аммо, ба ҳар сурат, хусусияти воқеънигарии мутафаккир дар тавсифи «зебоӣ» ва нақди «зиштӣ» эҳсос мегардад, ки ҷиҳати тарбияи маънавии насли муосир аз аҳамият холӣ нест;

6. Тавсифи мақулаҳои «шукуҳ» ва «разилӣ» низ дар осори Ҷомӣ ҷавобгӯ ба меъёрҳои илми эстетика мебошад. Мутафаккир зимни баррасии мақулаҳои зикршуда бештар ба ҷанбаи ахлоқии фаъолияти инсон таваҷҷуҳ намуда, онҳо на танҳо ифодакунандаи дараҷаи баланди зебоӣ ва зиштӣ, инчунин муҳимтарин василаи «сохтмони шахсият» медонад. Мақулаҳои «шукуҳ» ва «разилӣ» дар

осори Ҷомӣ дар алоқамандӣ бо ҳолати равонии шахс баррасӣ гардида, имконият медиҳад, ки ҳолатҳои эмотсионалии шахс ҳангоми бархурд ба ҳама гуна падидаҳо танзим карда шавад;

7. Мақулаҳои «фоҷиа» ва «мазҳака» дар осори Ҷомӣ хеле васеъ истифода гардида, ҷиҳати ҳидояти инсон ҷониби дарки нуқсонҳои ахлоқӣ, беадолатиҳои иҷтимоӣ ва дигар мушкилоти иҷтимоӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Тибқи назари мутафаккир, инсонро зарур аст, ки ҷиҳати истиқболи ҳама гуна фоҷиа ҳамеша омодагӣ дошта бошад. Мутафаккир марги инсонро фоҷиаи тарҳрезишуда тасвир намуда, дарки моҳияти онро ҷиҳати камолоти маънавии шахс муҳим мешуморад. Ҳамзамон, марг дар роҳи ҳифзи шаъну эътибор, ватан, миллат ва наздиконро на фоҷиа, балки ҳамчун қаҳрамонӣ тавсиф карда, беғайратӣ, бетафовутӣ, ғуломи андешаи ғайр будан, хурофотпарастӣ ва монанди инҳоро фоҷиаи бузургтар меҳисобад;

8. Арзиши андешаҳои Абдураҳмони Ҷомӣ доир ба дарки моҳият ва мазмуни мафҳуму мақулаҳои зебоишиносӣ дар ҷомеаи муосир аз ҳаравақта дида зиёдтар эҳсос мешавад. Ин муҳиммият бо он асоснок карда мешавад, ки қисмате аз насли муосир зери таъсири ҳар гуна ақидаву андешаҳои бебунёд завқи эстетикии худро коҳиш ва ғайрифаъол гардидаанд. Талимоти Ҷомӣ ва мутафаккирони дигари фарҳанги гузаштаро мебояд таҳлилу баррасӣ ва арзишгузорӣ намуда, ҷиҳати ташаккули эҳсоси худшиносиву худогоҳӣ ва тарбияи ахлоқиву эстетикӣ истифода намуд.

II. Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот

Тавре дар қисматҳои гузашта таъкид намудем, яке аз дигаргуниҳои куллие, ки дар раванди ҷаҳонишавӣ ба назар мерасад ва онро аксари муҳаққиқон эътироф кардаанд, коҳиш ёфтани шуури ахлоқӣ ва эстетикии насли наврасу ҷавон мебошад. Аз ин лиҳоз, зарурати он пеш меояд, ки ҳамагӣ аҳли ҷомеа, аз ҷумла аҳли илм ҷиҳати пайдо намудани роҳу воситаҳои самарабахши тарбияи насли хеш дар роҳи худшиносиву худогоҳӣ, тақвияти ҷаҳонбинии илмӣ ва эҳтиром ба арзишҳои муҳимтарини фарҳангиву маънавӣ кӯшиш намоянд. Диссертатсияи пешниҳодшуда дар ин самт метавонад амалан истифода шавад. Хулосаҳо ва пешниҳодҳои кори диссертатсиониро метавон дар:

- коркарди барномаҳои тарбиявӣ дар самти баланд бардоштани завқи эстетикии насли муосир истифода намуд;

- Тоҷикистони муосир дар раванди ҷаҳонишавӣ қарор дорад ва таъсири ин равандро пайваста мушоҳида менамоем. Дар муқобили таъсироти манфии раванди мазкур миллате қобилияти истодагарӣ дошта метавонад, ки қобилияти баланди эҷодӣ, ҳунарӣ ва маърифатӣ дошта бошад. Коркардҳои диссертатсия пешниҳодшуда метавонанд зимни бурдани корҳои тарғиботӣ, интихоби касбу ҳунар ва майл намудан ба илму маърифат, эҳёи ҳунармандӣ истифода шаванд;

- завқи эстетикии ҷомеаи муосир бо таъсирпазирӣ аз шабакаҳои муосири интернетию иҷтимоӣ халалпазир гардида, талабот ба эҳёи андешаҳои арзишманд дар самти шинохти зебоӣ, зиштӣ, шаҳомату разилӣ пеш омадааст. Маводи кори диссертатсиониро ҳангоми ташкил гардидани намоишҳои тарғиботӣ ва интихоби самти фаъолият истифода кардан мумкин аст;

- интихоби ҳамсар ва ташкили оила яке аз талаботҳои муҳимтарини ташаккули фарҳанги оиладорӣ ва ҳамзамон такмили ҷомеа ба ҳисоб меравад. Маводи кори диссертатсионӣ дар самти ташкили озмунҳо, мизи мудаввар ва дигар чорабиниҳои илмӣ-амалӣ низ кумак менамояд.

РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

[1]. Аббос Меҳрин Шуштарӣ. Тасаввуф чӣ буд ва чӣ бояд бишавад. -Теҳрон, 1327. -482с.

[2]. Абдулвосеъ Низомии Бохарзӣ. Мақомоти Ҷомӣ. Гӯшаҳое аз таърихи фарҳангӣ ва иҷтимоии Хуросон дар аҳди Темуриён. Муқаддима ва тасҳеҳу таълиқоти Наҷиб Моили Ҳиравӣ. – Теҳрон, 1383. -400с.;

[3]. Абдураҳмони Ҷомӣ. Баҳористон. –Душанбе, 2012. –204с.

[4]. Абдураҳмони Ҷомӣ. Панду андарзҳо. Мутаттиб ва муҳаррири дебоча Зоҳир Аҳрорӣ. Душанбе: Ирфон, 1989. –204с.

[5]. Алимардонов А. Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ дар маслаки Хоҷа Аҳрор// «Махозину-т-таҳқиқ» (Маҷмӯаи мақолаҳо), китоби 1, Душанбе 2018, с.224-242.
[6]. Амир Алишер Навоӣ. Хамсаи-ул-мутаҳайирин. Тарҷумаи Муҳаммади Нахҷувонӣ аз туркии чағатоӣ. Бо кӯшиши Маҳдии Фараҳонии Мунфарид. –Теҳрон: Фарҳангистони забон ва адаби форсӣ, 1381. -62с.
[7]. Амирхон Ш.Т. Фалсафаи амалии Қутбиддин Шерозӣ. – Душанбе: Эр-граф. 2022. –368с.
[8]. Афсаҳзод А. Ҷомӣ – адиб мутафакир. [Матн] /А.Афсаҳзод - Душанбе: Ирфон, 1989, -380с.
[9]. Афсаҳзод А. Ҷомӣ - адиб ва мутафаккир. –Душанбе: Ирфон, 1989. –-384с.
[10]. Афсаҳзод А. Достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Ҷомӣ // Маҷмуаи мақолаҳо.- Душанбе: Ирфон, 1965. - с.173-185.
[11]. Афсаҳзод А. Рузгор ва осори Абдураҳмони Ҷомӣ. [Матн] /А.Афсаҳзод - Душанбе, 1980.-С.158-192.
[12]. Афсаҳзод А. Таҳаввули афкори Абдураҳмони Ҷомӣ. - Душанбе: Дониш, 1981. –156 с.
[13]. Бартолд. Улугбек и его время. Записки ФАН. VIII серия, XIII, 5. Пгр. 1918. –412с.
[14]. Бертельс Е.Э. Роман об Александре и его главные версии на Востоке [Текст] /Е.Э. Бертельс- Москва.; Л., АН СССР, 1948. – 334с.
[15]. Бертельс Е.Э. История персидско-таджикской литературы. -[Текст] /Е.Э. Бертельс –Москва, 1960. -656с.
[16]. Бертельс Е.Э. Навои и Джами. -[Текст] /Е.Э. Бертель - Избранные труды. Москва., 1965. -260с
[17]. Бертельс Е.Э. Суфизм и суфийская литература. –М.: Наука. -1960. -524с.
[18]. Богоутдинов А.М. Очерки по истории таджикской философии. 3-е издание. –Душанбе, 2011. -334с.;
[19]. Зиёзода И.Ғ. Тасаввуфи фалсафӣ (ҳастишиносӣ ва маърифати сӯфиёна), қ. 2, Душанбе, 2016. -496с.
[20]. Курбанмамадов А. Эстетика Абдурахмана Джами. [Текст] /А.Курбанмамадов - Душанбе, 1984. -278с.
[21]. Курбанмамадов А. Эстетическая доктрина суфизма (опыт критического анализа).- Душанбе: Дониш, 1987. -326с.

[22]. Мулло Абдунабӣ Фаррухзамонии Қазвинӣ. Тазкираи Майхона. –Теҳрон, 1340. -1104с.
[23]. Мухаммадходжаев А. Гносеология суфизма. [Текст] /А.Мухаммадходжаев - – Душанбе, 1990. -198с.
[24]. Мухаммадходжаев А. Идеология накшбандизма. [Текст] /А.Мухаммадходжаев -Душанбе, 1991. -254с.
[25]. Низомӣ М. «Ҳафт авранг»-и Ҷомӣ ва суннати достонсароӣ дар асри XV. –Душанбе, 2014. -397с.
[26]. Раджабов М. Мировоззрение Убайда Закони. [Текст] /М.Раджабов Сталинабад, 1958. -224с.
[27]. Раджабов М. Философские и общественно-политические взгляды Джами // Абдурахман Джами. [Текст] /М.Раджабов – Д., 1964. №329.- С.61-66.
[28]. Раджабов, М. Абдурахман Джами и таджикская философия XV века. – Душанбе: Ирфон, 1968. – 318с.
[29]. Рустамов Е.Р. Узбекская поэзия в первой половине XV века. - М., 1963. -322с.
[30]. Садриддин Айнӣ. Алишер Навоӣ. Куллиёт, ҷ.11, китоби 1. Душанбе, 1963, -468с.
[31]. Сатторов А. Афкори адабӣ ва эстетикии Абдурраҳмони Ҷомӣ, - Душанбе 1975. -346с.
[32]. Ҷомӣ Абдураҳмон. Ҳафт авранг. –Душанбе: Нашриёти Ирфон, 1964.Ҷилди IV, - 524с
[33]. Ҷомӣ А. Хирадномаи Искандарӣ. /А.Ҷомӣ - Осор.Ҷ. 5,- Душанбе: «Адиб», 1988. -384с.
[34]. Ҷомӣ А. Осор. Ҷ.8.-Душанбе: «Адиб». -1990. –358 с.
[35]. Ҷураев М.Б. Масъалаи инсон дар фалсафаи Абдураҳмони Ҷомӣ. –Хуҷанд: Кова, 2025. –186с.
[36]. Эмомалӣ Раҳмон. Забони миллат – ҳастии миллат. – Душанбе, 2020. –- 432с.
[37]. Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор. –Душанбе: Эр-граф. 2023. –с.306. -424 с.

ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

I. Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:

[1-М]. Ақидаҳои эстетикии Абдураҳмони Ҷомӣ аз нигоҳи донишмандони тоҷик// Паёми Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. -Душанбе, 2019. №1 (78). – С.413-420.

[2-М]. Мақоми масъалаи инсон дар ҷаҳонбинии Абдураҳмони Ҷомӣ // Ахбор-и ИФСҲ АМИТ. Душанбе, 2022. №3. - С.513-520.

[3-М]. Хусусиятҳои таълимоти ахлоқӣ-зебоишиносӣ дар ҷараёни нақшбандия// Ахбори ИФСҲ АМИТ, Душанбе 2025, №1 АМИТ, Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинов. (Ҳаммуаллиф ***Ҷӯраев А.Ҳ.)***

[4-М].Мазмун ва моҳияти мақулаҳои «зебоӣ» ва «зиштӣ» дар таълимоти Абдураҳмони Ҷомӣ // Маҷаллаи «Ахбор»-и ИФСҲ АМИТ. – Душанбе 2026, №2. – С.40-49. (Ҳаммуаллиф д.и.ф., профессор Амирхон Шоҳҳусайн Талбонӣ)

II. Мақолаҳои дар нашрияҳои дигари илмӣ чопшуда

[5-М] Мақоми масъалаи инсон дар ҷаҳонбинии Абдураҳмони Ҷомӣ // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии «Пешвои миллат ва таҳаввули фалсафаи миллӣ дар замони Истиклол» бахшида ба 35-солагии Истиклоли давлатии Ҷумҳурии Точикистон, 30-солагии Иҷлосияи XYI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 90-солагии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров» Хуҷанд – 2022

[6-М]. Инъикоси категорияи «шукуҳ» дар мухтасари «Хирадномаи Искандарӣ»-и Абдураҳмони Ҷомӣ// Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои муҳими рушди фалсафа дар Тоҷикистони муосир., Душанбе, 2019.

[7-М]. Мазмун ва моҳияти «ҳунар» дар таълимоти Абдураҳмони Ҷомӣ ва нақши он дар ташаккули худшиносии инсон // Конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Ташаккули худшиносии миллии ҷавонон-яке аз роҳҳои муқовимат бар зидди идеологияи экстремистӣ». Душанбе, 2026.

ГОСУДАРСТВЕННОЕ ОБРАЗОВАТЕЛЬНОЕ УЧРЕЖДЕНИЕ «ХУДЖАНДСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ УНИВЕРСИТЕТ ИМЕНИ АКАДЕМИКА БОБОДЖОНА ГАФУРОВА»

УДК - 1(091) (575.3)
ББК – 87,3 (5 Тадж)
Х 17

На правах рукописи



ХАЙИТБОЕВА МУКАДДАС АХМАДЖОНОВНА

СОДЕРЖАНИЕ И СУЩНОСТЬ ПОНЯТИЙ И КАТЕГОРИЙ ЭСТЕТИКИ В ПРОИЗВЕДЕНИЯХ АБДУРАХМАНА ДЖАМИ

АВТОРЕФЕРАТ
диссертации на соискание учёной степени кандидата философских наук по специальности 6.3.2 - История философии (философские науки)

Душанбе – 2026

Диссертация подготовлена на общеуниверситетской кафедре культурологии ГОУ «Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова».

Научный руководитель:	**Амирхон Шохусайн Талбони** – доктор философских наук, доцент, заведующий кафедрой истории философии и социальной философии Таджикского национального университета;
Официальные оппоненты:	**Диноршоева Зарина Мусоевна** – доктор философских наук, главный научный сотрудник отдела истории философии Института философии и политологии имени А.Баховаддинова НАНТ; **Салимов Аслиддин Иномджонович** – кандидат философских наук, доцент кафедры философии и политологии Международного университета иностранных языков Таджикистана имени С.Улугзода;
Ведущая организация:	Таджикский государственный педагогичекий университет имени С.Айни

Защита диссертации состоится «24» декабря 2026 года в 14:00 на заседании диссертационного совета 6D.KOA-092 при Таджикском национальном университете (734025, Душанбе, проспект Рудаки, 17).

С диссертацией и её авторефератом можно ознакомиться в научной библиотеке Таджикского национального университета (Душанбе, 734025, проспект Рудаки, 17) и на его официальном сайте (www.tnu.tj).

Автореферат разослан «___» _____ 2026 года.

Учёный секретарь диссертационного совета, кандидат философских наук **Хаитов Ф.К.**

ВВЕДЕНИЕ

Актуальность темы исследования. Противоречивые глобализационные процессы в настоящее время охватывают весь мир, вызывая изменения не только политического и экономического характера, но и оказывая влияние на культуру и духовность, нанося ущерб наиболее ценным традиционным достижениям национальных культур. Мы все являемся свидетелями того, как национальные культуры подвергаются атакам со всех сторон: одни используют религиозные предрассудки и суеверия, другие - лозунг «абсолютная свобода и быть в ногу со временем», чтобы повлиять на мышление и мировоззрение современного поколения, тем самым укрепляя свои позиции и влияние. Если религиозная нетерпимость и суеверия приводят к культурному отчуждению и подчинению любым необоснованным идеям и убеждениям, то нетрадиционные отношения, такие как однополые браки, смена пола, различные действия с собственным телом и тому подобное, приводят к отчуждению человека от собственной сущности.

Действительно, культурное пространство современности охвачено не только нравственными, но также эстетическими и гуманистическими проблемами, которые в любой момент могут подорвать традиционные культуры и веками формировавшиеся эстетические и духовные ценности, подчинив себе сознание современного поколения. В этов процессе ценное учение мыслителей прошлого, в том числе Нуриддина Абдурахмана Джами, может оказаться весма значимым и полезым. Важность исследования, изучения и анализа наследия Абдурахмана Джами и других среневековых мыслителей постоянно подчеркивает Основатель мира и национального единства - Лидер нации, Президент Республики Таджикистан, уважаемый Эмомали Рахмон, призывая исследователей ещё глубже изучать учение выдающихся мыслителей нашего народа, сохронившие свою ценност по сей день, и доносить их до подрастающего поколения.

Другим важным аспектом учения Абдурахмана Джами является то, что он признан величайшим мыслителем своего столетия и обобщателем мыслей и идей своих предшественников. Дело в том, что мыслитель известен не как поэт, а как исследователь, учёный и интеллектуал. Сфера его творчества охватывает различные философские и этические вопросы, эстетику и социологию, литературу и искусство.

С учётом высказанных слов, актуальность изучения эстетического учения Абдурахмана Джами можно доказать следующими идеями:

1. На крайне чувствительном этапе современности, когда духовные и гуманистические ценности подвергаются нападкам, изучение, анализ, оценка и представление современному поколению высших культурных ценностей, особенно эстетических, созданных мыслителями, являющимися мастерами культуры прошлого, такими как Мавлана Абдурахман Джами, вновь приобретает свою актуальность. Современное поколение, находящееся под влиянием социальных сетей, различных компьютерных игр и других аудиовизуальных средств, уделяет меньше внимания научным источникам и идеям мыслителей, что приводит к упадку духовности.

2. Вопрос эстетики и эстетического мышления может играть активную и ключевую роль в процессе формирования идеологии человека и является средством его самопознания. Опыт показывает, что отсутствие эстетического сознания приводит к снижению социального статуса человека и негативно влияет как на нравственность, так и на устойчивость его убеждений. Именно поэтому влиятельные мыслители, в том числе Мавлана Абдурахман Джами, считают это важным и подчеркивают:

«Пусть твои форма и смысл будут верны друг другу,
Чтобы тебя требовали чистые люди » [31, с. 102].

3. Учение Абдурахмана Джоми носит гуманистический характер и актуально не только как культурная ценность прошлого, но и для нужд современной эпохи. Эстетические

идеи мыслителя берут начало в его антропологическом учении и устремлены как к внешней, так и к внутренней красоте человека. Совершенно верно, что в современном таджикском обществе, под влиянием процесса глобализации и других новоявленных феноменов, наблюдаются тенденция к культурному отчуждению и ослаблению нравственности, и единственным путём предотвращения стремительного распространения данного процесса считается укрепление духовности и повышение эстетического и нравственного сознания. В этом отношении эстетическое учение Абдурахмана Джами может быть использовано очень широко.

4. Отсутствие светских знаний и религиозного просвещения, эстетического сознания и рационального мышления привело к тому, что реакционные и экстремистские группы используют современные информационно-коммуникационные средства и социальные сети для достижения своих целей и получения всё большего числа последователей и приверженцев. Именно поэтому в эпоху научно-технического прогресса в обществе до сих пор сохраняется сильная привязанность к суеверным и необоснованным идеям. В этом контексте, внимание к духовному наследию мыслителей прошлого, анализ, переосмысление и выявление позитивных и ценных аспектов их учения является одним из средств укрепления мировоззрения и пробуждения современного поколения. Эстетическое учение Абдурахмана Джами носит рациональный характер и свободно от предрассудков и суеверий.

5. В современном Таджикистане вопрос укрепления национального самосознания и самопознания является предметом постоянного внимания правительства и учёных. Главная цель – предотвратить у современного поколения нации любые религиозные и сектантские зависимости, ксенофобию и отчуждение, и тем самым обеспечить стабильное будущее для государства и нации. Учение Абдурахмана Джами об эстетике в направлении укрепления

основ национального самосознания и самопознания имеет теоретическую и практическую ценность и не лишено пользы для укрепления чувства национального самосознания.

С учетом вышеизложенных идей, изучение эстетико-этических вопросов в учении Абдурахмана Джами можно считать, что имеет большое теоретическое и практическое значение.

